**Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонии**
**(фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**А. Шарипов, Х. Ҷалилов**

# АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ ФЕРМЕРӢ



***Душанбе-2010***

**А.Ф. Шарипов, Х.М.Ҷалилов.** Асосҳои иқтисодиёти фермерӣ.

Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, с. 2010.

*Маводи омӯзишӣ дар Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи* ***Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) «PIAS»*** *нашр шудааст.*

**Муҳаррирон:** А.Ф. Шарипов, Х.М. Ҷалилов

*Ба деҳқон имконият дода шавад, ки ҳам худаш серу пур бошад, ҳам дастархони халқашро обод созад.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

*Ҳисоби муҳосибӣ- аз ҳамаи илмҳо волост, ба он хотир, ки ҳамагон ба он ниёз доранд ва он ба касе ниёз надорад. Бе ҳисоби муҳосибӣ олам идоранашавандаast ва одамон ҳамдигарро фаҳмида наметавонанд.*

***Бартоломео де Салозано -1560 сол.***

# САРСУХАН

Пешрафти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат сол то сол вусъат меёбад. Ба шарофати дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ зина ба зина густариши тамоми соҳаҳо таъмин мегардад. Дар раванди ислоҳот дар радифи дигар соҳаҳо, соҳаи кишоварзӣ низ ба куллӣ тағйир ёфта, дар заминаи он шаклҳои нави хоҷагидорӣ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ ба миён омаданд. Ва вобаста ба шаклҳои нав иқтисодиёти фермерӣ низ ташаккул ёфт.

Бо мақсади ба муваффақият ноил гаштан фермерон бояд фаъолияти хоҷагидории худро чун соҳибкор идора карда тавонанд. Фермерони имрӯза бояд фаромӯш накунанд, ки онҳо дигар деҳқонони оддӣ нестанд. Онҳо бояд худро чун тоҷири хурд, ки мақсади асосиашон ба даст даровардани фоида мебошад, фаъолият кунанд.

Бинобар ин, мо тасмим гирифтем ҷиҳати кӯмаку дастгирӣ ба марди деҳқон муҳосиботи фермерӣ, ҳисобу китоби активҳо ва пассивҳо, асосҳои ҳисоби муҳосибӣ, тартиб додани бизнес-нақша, муайян кардани даромаднокӣ, хароҷотҳои мустақим ва ғайримустақим, фоида ва зарар,

ҳаракати воситаҳои пулӣ, андози замин, суғуртаи иҷтимоӣ ва ғайраро дар шаклҳои нисбатан оммафаҳм гирд оварда, дастраси деҳқонон гардонем.

## 1.1. Ин китоб барои киҳо тавсия карда мешавад?

Маълумотномаи мазкур оид ба асосҳои иқтисодиёти фермерӣ барои машваратчиёну роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), барои дигар шахсони ҳавасманд, аз қабили донишҷӯёни донишгоҳу факултаҳои кишоварзӣ, ки дар фаъолияти хеш аз ин китоб истифода менамоянд, тавсия карда мешавад.

Ин китоб оиди асосҳои иқтисодиёти фермерӣ ниҳоят дараҷа содда буда, тамоми паҳлӯҳои фаъолияти хоҷагидориро ҳамаҷиҳата дарбар мегирад. Дар асоси ҳисобу китоби мазкур ва гузаронидани таҳлили фаъолияти хоҷагидориаш фермер метавонад барои беҳтар кардани вазъияти иқтисодии хоҷагиаш қадамҳои устувор гузорад.

## 1.2. Китоб чи гуна истифода бурда мешавад ?

Китоби мазкур - тавсиянома, маълумотномае мебошад, ки аз он метавонанд фермерон, деҳқонон, соҳибкорон истифода баранд. Хонанда, дар навбати аввал бояд бо мӯҳтавои китоб ошно гардад, то донад, ки дар он чӣ гуна ахборотҳо гирд оварда шудаанд.

Китоб мумкин аст, дар ҳолатҳои зерин истифода шавад:

- вақте, ки Шумо мехоҳед ҳисобу китоб ва таҳлили хоҷагиатонро донед;
- вақте, ки Шумо мехоҳед оиди асосҳои иқтисодиёти фермерй донишҳои иловагӣ гиред;
- вақте, ки Шумо барои омӯзиши фермерон, соҳибкорон оиди таҳлили иқтисодиёти фермерӣ маърӯза тайёр менамоед;
- вақте, ки Шумо мустақилона бизнес-нақшаи хоҷагии худро тартиб додан мехоҳед;
- вақте, ки Шумо самаранокии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -ро баланд бардошта, рушди онро таъмин кардан мехоҳед ва ғайраҳо;

Ҳар яки Шумо метавонед бо ин китоб кор карда,бо харҷи ками вақт масъалаҳои дар боло зикр гаштаро ба осонӣ дарк кунед ва ҳал намоед.

# 2. ҲИСОБУ КИТОБИ АКТИВҲО ВА ПАССИВҲО

## 2.1. Баруйхатгири (инвентаризатсия)-и хоҷагии деҳқонӣ (фермерй)

### 2.1.1. Баруйхатгирии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) чист?

Баруйхатгири (инвентаризатсия)-и хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) - ин таҳлили пайдарпаи воситаҳои истеҳсолии худӣ ва маҳсулоти фурӯхтанашавандаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки дар шакли пулӣ ва натуравӣ ифода карда мешавад, мебошад. Ё баруйхатгирӣ (инвентаризатсия) - ин ҳисобу китоби умумии ҳамаи амвол ва таҷҳизоти мавчудаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар давраи муайян ё гуфтан мумкин аст, ки моликияти умумии хоҷагии фермерӣ мебошад.

Барӯйхатгирӣ – ин тарзи тафтишотии мавҷудияти ҳақиқии амволи хоҷагӣ дар шакли табиӣ-аслӣ (пулӣ ва натуравӣ) бо маълумотҳои ҳисобдор мебошад.

Барӯйхатгирӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

- ошкор намудани мавҷудияти ҳақиқии воситаҳои асосӣ, молу масолеҳҳо, воситаҳои пулӣ ва истеҳсолоти нотамом бо ченаки пулӣ ва натуравӣ;
- назорати нигоҳдории молу масолеҳҳо, маҳсулот ва воситаҳои пулӣ бо роҳи муқоиса намудани мавҷудияти ҳақиқии онҳо бо маълумотҳои ҳисобдорӣ;
- ошкор сохтани молу маҳсулот ва масолеҳҳои зиёд ё камомад аз маълумотҳои ҳисобдорӣ.

### 2.1.2. Барои чӣ он истифода бурда мешавад ?

Баруйхатгирии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) барои он гузаронида мешавад, ки арзиши умумии моликияти хоҷагиро аниқ созем. Ин амал ҳамчун восита барои мушовирон ҳангоми гузаронидани таҳлили хоҷагии фермерй баромад менамояд. Лек ҳар як фермер метавонад, ин амалро барои хеш ба анҷом расонад, то арзиши ба гаравгузории амволи хешро донад.

- Бо ёрии баруйхатгирӣ фермер аниқ медонад, ки хоҷагии ӯ дорои чӣ қадар амвол аст;
- Ӯ метавонад муқоиса намояд, ки миқдори амвол нисбат ба соли пешин кам шудааст ё зиёд;
- Вай метавонад бинад, ки кадом активҳои хоҷагӣ зиёд ва кадомаш кам гаштааст: ҳайвонот, таҷҳизот ё биноҳо;
- Чун ҳар як актив дар руйхат алоҳида меояд, фермер метавонад онҳоро дар алоҳидагӣ дида барояд.

Баруйхатгирӣ, ба фермер ахбороти аникро дар бораи мавҷудияти маҳсулот ва амвол дар хоҷагиаш медиҳад.

Гузаронидани чунин муқоисаҳо аз фоида холӣ нест. Лек қайд кардан ҷоиз аст, ки баруйхатгирӣ фақат ва фақат дар як давраи муайяни солҳо ва моҳҳо гузаронида мешавад.

Гузаронидани муқоиса имконнопазир аст, агар баруйхатгирӣ як маротиба дар фасли тирамоҳ ҳангоми зиёд будани захираҳо ва маротибаи дуюм дар фасли баҳор вақте, ки захираҳо истифода шудаанд, ташкил карда шаванд. Албатта, давраи беҳтарини гузаронидани баруйхатгирӣ охири соли молиявӣ, вақти ҳисобу китоби натиҷаҳо мебошад.

Агар муқоиса пас аз гузаштани чандин сол ба иҷро расонида шавад, пас зарур аст омили беқурбшавии пул (инфляция) низ ба назари эътибор гирифта шавад, то фермер гумон насозад, ки дар муддати чандин соли гузашта арзиши амволаш зиёд гаштааст. Дар ҳақиқат, он танҳо тавассути беқурбшавӣ афзун шудааст.

***Бекурбшавӣ - ин номувофикци байни ҷамъи пулҳо ва захираи молҳо мебошад.***

Захираи молҳо кам мешавад, дар натиҷаи он нархи молҳо баланд мешавад. Агар фарз кунем, ки нархи нон - 5 сомониро ташкил кунад, он гоҳ дар мавриди беқурбшавӣ бо ин нарх нон харида намешавад. Барои харидани чунин нон лозим меояд 7 сомонӣ пардохт намоед.

Ҳангоми ҷамъбасти ҳамаи активҳои ғайрипулии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) баруйхатгирӣ дар роҳи сохтани ҳисоботи мувозинатӣ (балансӣ) қадами аввалин аст (Нигар ба боби 2.2).

### 2.1.3. Шакл ва мисол

Усулҳои гуногуни гузаронидани баруйхатгирии хоҷагиҳои деҳқонй (фермерӣ) мавҷуд аст. Дар ҳолати шомил сохтани ҳамаи активҳои ғайрипулии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дуруст муайян сохтани арзиши онҳо дар руйхат, тартиби ҷобаҷосозии онҳо муҳим нест. Танҳо зарур аст пайдарпаии навиштаҳоро аз сол ба сол риоя созем, чунки гузаронидани муқоиса осон шавад. Баруйхатгирӣ на бояд аз ҳад зиёд мураккаб бошад.

Дар собиқ колхозу совхбзҳо баруйхатгирӣ нисбатан мураккабтар буд, чунки онҳо нисбат ба хоҷагиҳои имрӯзаи деҳқони (фермери) - и ҷумҳӯрӣ ҳам ҳаҷман калон, ҳам аз рӯи шумораи амвол фарқ мекарданд. Барои хоҷагиҳои деҳқони (фермери)-и на он қадар калон ва миёна кифоя аст руйхати мувофиқи инвентариро дошта бошанд.

**Ба амвол чӣ хел баҳо дода мешавад ?**

Ба сифати актив замин ба руйхат дохил карда намешавад, чунки замин моликияти давлатист ва фурӯхтани он қатъиян манъ аст. Ҳангоми навиштани дигар активҳо зарур аст нархи бозории оиҳоро нишон диҳем, чунки нарх намуд,

мӯҳлати истифода (ё синну сол), инчунин шароити истифодабариро зоҳир месозад.

**Нархи бозорӣ ё арзиши бозорӣ - ин нархест, ки барои бадаст овардани ин ё он мол пардохт карда мешавад.**

Ин он нархест, ки дар ҳақиқат дар як муддати муайяни вақт, дар бозори маҳаллӣ арзиши ин ё он молро ифода месозад. Нархи бозорӣ зуд - зуд вобаста ба талаботу эҳтиёҷот таъғир меёбад. Ҳамин хел, ҳангоми баруйхатгирӣ ва ҳисобу китоби аниқи арзиши моликияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) нархи бозорӣ нисбатан интихоби амалист.

**Хӯрдашавӣ (амортизатсия)**

Боз як роҳи дигари баруйхатгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавҷуд аст. Ба ҷои гирифтани нархи бозорӣ, арзиши аслии онро тавассути аз нархи аввала кам кардани бузургии хӯрдашавӣ дар давраи истифода ҳисоб менамоянд. Ин усул дар он ҳолате кор фармуда мешавад, ки арзиши аввала маълум бошад. Чун ҳисоби хӯрдашавӣ барои ҳайвонот қобили қабул нест, зарур аст арзиши миёнаи ҳар як чорворо дар алоҳидагӣ гиранд. Аз сабаби набудани стандартҳои муаянкунандаи нархи чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дуруст мебуд баруйхатгириро мувофиқ ба нархҳои бозорӣ гузаронанд.

Хӯрдашавӣ барои ҳисоби активҳои дарозмуддат, ки бо гузашти вақт арзиши худро гум мекунанд, зарур аст: биноҳо, техника ва ғайраҳо. Хӯрдашавӣ - ин арзише нест, ки бояд онро бо пули накд ҳисобӣ намоӣ. Ин бақайдгирии харҷҳое мебошад, ки дар муддати муайяни вақт, масалан арзиши мошинаҳои кишоварзӣ ё дигар воситаҳои асосӣ ба кадом миқдор аз худ карда шудааст, аз сабаби хӯрдашавӣ ё истифода.

Хӯрдашавӣ барои он ҳисоб карда мешавад, ки бояд донем активҳо вобаста ба арзишашон чанд сол истифода мешаванд. Хӯрдашавӣ имконият медиҳад арзиши активро ба мӯҳлати истифодаашон тақсим намоем. Арзиши ҳисобшуда дар китоби муҳосибӣ бояд ба арзиши бозории актив мувофиқ наояд. Он бояд аз талабот, эҳтиёҷот ва бисёр дигар омилҳо вобаста бошад.

Методҳои гуногуни ҳисоби хӯрдашавӣ мавҷуд аст. Ҳамаи ин методҳо ба худашон мувофиқ афзалият ва норасоӣ доранд. Лек бо мақсадҳои гуногун методҳои гуногун истифода мешаванд. Аз ҳама методи осон ва амалии ҳисоби хӯрдашавӣ - ин методи ростхаттаи аз ҳисоб баровардан мебошад.

Бо ёрии методи ростхатта ҷамъи солонаи хӯрдашавӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

***Ҷамъи солонаи хӯрдашавӣ = Арзиши аввала / Мӯҳлати интизории хизмат;*** **ё**

$$X = \frac{Aa}{Mu};$$

дар куҷо, $X$-ҷамъи солонаи хӯрдашавӣ,

$A_a$- арзиши аввала, $M_и$ - мӯҳлати интизории хизмат.

Масалан, фермер бо арзиши 25.000 $ як трактори Т-75 харид ва умедвор аст, ки он даҳ сол хизмат мекунад. Камкунии ҳарсола аз ҳисоби хӯрдашавй

$$X=25000/10 = 2500\$$$

-ро ташкил мекунад.

Ин онро мефаҳмонад, ки ҳар сол арзиши трактор ба микдори 2500 $ нисбат ба соли пешин кам мешавад. Ҳамин хел дар аввали соли оянда арзиши он 22.500$, баъд 20.000, баъд 17.500, ..., ва ҳоказо.

Лекин фермер нархи онро танҳо ҳангоми фурӯхтан мефаҳмад. Дар ин китоб методи ҳисоби хӯрдашавӣ оварда мешавад, аммо оиди вазъияти бозор таваққуф карда шудааст.

***Ҷадвали 1***

**Шакли баруйхатгирии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)**

Фермер:_____________________________Мушовир:___________________________

Ноҳия: ________________________________Таърихи рӯз:_______________________

Деҳа:____________________________________

Суроға:__________________________________

Ҳисоби арзиши бино

| Намуди бино | Соли сохташуда | Арзиши бозорӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| ҶАМЪ: | | |

Ҳисоби арзиши чорво

| Намуди чорво | Саршумори чорво | Нархи бозории як сар | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| ҶАМЪ: | | | |

Ҳисоби арзиши техника, таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ:

| Намуди техника ё таҷҳизот | Соли баромад | Миқдор (дона) | Нархи бозории як воҳид | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| Ҷамъ | | | | |

Ҳисоби арзиши амволи захиравӣ

| Намуди амвол | Миқдор | Нархи бозории як воҳид | Ҷамъ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| ҶАМЪ: | | | |

Шакли баруйхатгирии моликияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

| | Арзиши умумӣ |
|---|---|
| Бино | |
| Чорво | |
| Мошинҳо, технологияи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ | |
| Амволи захиравӣ | |
| | |
| ҶАМЪ ва ғайра | |

***Мисоли баруйхатгирии хоҷагии деҳқонни (фермери)-и «МАҒМУРУД», ноҳияи Рӯдакӣ***

Мисоли баруйхатгирии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҷадвали 2 оварда шудааст. Мувофиқи маълумотҳо арзиши моликияти хоҷагии деҳқонии «Мағмуруд», ноҳияи Рӯдакӣ ба 123514 сомонӣ баробар аст.

***Ҷадвали 2: Мисоли шартии баруйхатгирии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)***

Ҳисоби арзиши биноҳо (сомонй)

| Намуди бино | Соли сохташуда | Арзиши бозорӣ |
|---|---|---|
| Хонаи маҳаллии аз лой сохташуда | 1995 | 32 **000** |
| Сарой (бошишгоҳ) | 1993 | 40 000 |
| | | |
| ҶАМЪ: | х | ***72 000*** |

Хисоби арзиши чорво (сомонӣ)

| Намуди чорво | Саршумори чорво | Нархи бозории як сар | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|
| Модагов | 2 | 1600 | 3200 |
| Гӯсола, 1-сола | 1 | 600 | 600 |
| Гӯсфанд, барра | 2 | 350 | 700 |
| Меш | 5 | 400 | 2000 |
| Асп, 6-сола | 1 | 2000 | 2000 |
| Мурғ | 20 | 20 | 400 |
| ҶАМЪ: | х | х | ***8900*** |

Ҳисоби арзиши техника, таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ:

| Намуди техника ё таҷҳизот | Соли баромад | Микдор (дона; | Нархи бозории як воҳид | Ҷамъ (сом.) |
|---|---|---|---|---|
| Трактор МТЗ-80 | 1994 | 1 | 30000 | 30000 |
| Сипори тракторӣ | 1991 | 1 | 2000 | 2000 |
| Аробаи чорчарха | 1987 | 1 | 1000 | 1000 |
| Бел | | 4 | 10 | 40 |
| Шохи | | 2 | 12 | 24 |
| Дос | | 5 | 30 | 150 |
| Қисмҳои эҳтиёти | | | | 1000 |
| **ҶАМЪ** | **х** | **х** | **х** | ***34214*** |

Ҳисоби арзиши амволи захиравӣ (сомони)

| Намуди амвол | Микдор | Нархи бозории як воҳид | Ҷамъ |
|---|---|---|---|
| Гандум | 1,5тонна | 800 | 1200 |
| Картошка | 7 тонна | 800 | 5200 |
| Масолеҳи сохтмонӣ | 10 $м^2$ | 200 | 2000 |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **ҶАМЪ:** | **х** | **х** | ***8400*** |

Арзиши умумии моликияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), (сомонӣ);

| | Арзиши умумӣ |
|---|---|
| Бино | 72000 |
| Чорво | 8900 |
| Мошинҳо, технологияи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ | 34214 |
| Амволи захиравй | 8400 |
| | |
| **ҶАМЪ** | ***123514*** |

Баруйхатгирии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) омили хеле муҳим мебошад. Бо ёрии он муайян карда мешавад, ки хоҷагӣ чӣ дорад, нисбат ба соли гузашта кадом тағйиротҳо пайдо шудааст, кадом активҳо зиёд шудаанд ва кадомаш кам.

Муҳимаш он аст, ки баруйхатгирӣ вазъияти мавҷударо хеле возеҳ шарҳ медиҳад ва дилхоҳ фермер бояд кӯшиш намояд, ки ба он рақамҳои тасодуфӣ роҳ надиҳад.

## 2.2. Мувозинати ҳисобдорӣ (баллансӣ)

### 2.2.1. Мувозинати ҳисобдорӣ чист ?

Мувозинати ҳисобдорӣ воситаи асосии ахборӣ ва тарзи гурӯҳбандии иқтисодии амвол буда, аз рӯи таркиб ва ҷойгиршавӣ ва аз рӯи манбаъҳои пайдоиши онҳо бо ифодаи пулӣ ва давраи муайян сохта мешавад.

Мувозинати ҳисобдорӣ манбаи муҳимтарини ахбор оиди вазъи молиявии хоҷагӣ дар давраи ҳисобдорӣ мебошад.

**Ба активҳо шомиланд:**

- Бино, иншоот;
- Тракторҳо, техникаҳо;
- Ҳайвонот, чорво;
- Растаниҳо, дарахтзорҳо;
- Ҳисоб-маблағҳое, ки бояд гиранд (дебиторҳо);
- Пулҳои накдӣ;
- ва ғайраҳо.

**Ба пассивҳо шомиланд:**

- Кредитҳо (қарзҳо);
- Ҳисоб-маблағҳое, ки бояд диҳанд (кредиторҳо);
- Дигар ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат;

- Капитали хусусӣ ва ғайраҳо.

Ҳисоботи мувозинатӣ давоми амалиёти баруйхатгирӣ мебошад, ки ҳамаи активҳои гайрипулиро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин ба ҳисобот зарур аст ҳамаи активҳои пулӣ ва пассивҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дохил намоем.

Чун гузаронидани баруйхатгирӣ, ҳисоботи мувозинатиро низ доимо сохтан лозим аст. Агар мумкин бошад дар охири соли молиявӣ. Лек дар сурати лозимӣ дар мавриди дилхоҳ метавонем ҳисоботи мувозинатиро тайёр намоем. Ҳангоми навиштани ҳисобот омили аз ҳама муҳим интихоби таърихи рӯз дар ҳамон ва фақат ҳамон вақти сол мебошад. Агар ҳисоботи мувозинатӣ дар як сол , дар фасли баҳор ва дар соли дигар дар фасли тирамоҳ навишта шуда бошад он гоҳ онҳоро муқоиса намудан имконнопазир аст.

Муқоисаи натиҷаҳои солҳои гуногун ҳангоми таҳлили вазъи иқтисодии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҷанбаи муҳимтарин мебошад.

**2.2.2. Барои чӣ он истифода бурда мешавад ?**

Мувозинати ҳисобдорӣ нишон медиҳад; ки хоҷагии фермерӣ чӣ миқдор актив дорад ва онҳо чӣ гуна маблағгузорӣ карда мешаванд. Ин навишти активҳо ва ӯҳдадориҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар ягон муддати муайян мебошад.

**Фарқияти байни хамаи активҳо ва ӯҳдадориҳо, капитали худӣ номида мешавад.** Ин нишондод ҳолати хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро нишон медиҳад, ки то кадом андоза он ба тарафи манфӣ ё мусбат майл намудааст.

Активҳо = ӯҳдадорӣ + сармояи (капиталӣ) худӣ

Сармояи (капиталӣ) худӣ - Активҳо - ӯҳдадорӣ

Албатта, муҳимаш он аст, ки капитали худӣ дорои қимати мусбӣ бошад. Лек ин кифоя нест. Зарур аст тафтиш намоем, чӣ хел капитали худӣ таъғир меёбад. Агар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бо даромади кифояе кор намояд, ки он талаботҳои фардии худи фермер, оилаи ӯ ва қаноатмандии ӯро ба тиҷорат қонеъ намояд, пас капитали худӣ бояд афзун шавад. Ҳангоми таҳлили чунин рақамҳои афзуншаванда зарур аст, бениҳоят эҳтиёткорона муносибат намоем, яъне беқурбшавиро низ ба назар гирем. Танҳо баъди ин ба хулоса оем, ки капитали худӣ зиёд шудааст ё кам.

Агар капитали хусусии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) кам шавад, муҳим аст сабабҳои ин камшавиро муайян намоем. Дар сурати идома ёфтани раванди камшавӣ, фермер кӯшиш намояд, ки он то ба қимати манфӣ рафта расидани капитали худӣ омада нарасад. Ҳарвақте, ки капитали худӣ ба ҳолати манфӣ рафта расид, ин маънои онро дорад, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба ҳолати хатарнок расидааст ва тиҷорат дар роҳи муфлисшавист. Ва эҳтимолан хоҷагӣ дигар фаъолият карда наметавонад, агар нисбати ба фаъолияти хеш чорае наандешад.

Боз як сабаби сохтани мувозинати ҳисобдорӣ ин таҳлили муносибати байни намудҳои гуногуни активҳо ва ӯҳдадориҳо мебошад. Чӣ қадаре коэффисиенти байни миқдори умумии активҳо ва миқдори умумии ӯҳдадориҳо калонтар бошад, хуб ва тиҷорат устувор аст. Аломати хуб он далел аст, ки ин коэффисиент сол ба сол афзун шавад. Ин маънои онро дорад, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) аз ёрмандии пулии дигарон вобаста набуда, воситаҳои дохилии хоҷагиро хеле хуб истифода менамояд.

Боз як коэффисиенти муҳим ин коэффисиенти байни активҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ мебошад. Он нишон медиҳад, ки фермер метавонад қарзҳои ҷории хешро бо истифода аз активҳои ҷорӣ пардохт намояд. Ин бениҳоят қоидаи муҳим аст ва зарур аст ба он доимо такя намоем. Яъне, ҳар як қарз бояд бо активҳои ҳамон вақтаина пӯшида шавад. Масалан, Кредитҳои кӯтоҳмӯҳлат бояд бо активҳои кӯтоҳмӯҳлат пӯшонида шаванд ва ҳоказо. Барои чӣ ? -Мувофиқи назария одамон ё ташкилотҳое, ки бояд пулро гиранд, талаб менамоянд, ки мо онро бояд зудтар пардохт намоем. Фермер бошад, қарзҳоро танҳо пас аз фурӯхтани активҳои ҷории худ (захираҳои молӣ, маҳсулот ва пули нақд) метавонад баргардонад. Агар ӯ аз ҳисоби активҳои ҷории хеш пардохт карда натавонад, маҷбур аст активҳои дарозмӯҳлатро фурӯшад. Ва ин бениҳоят хатарнок аст, чунки дар мавриди фурӯши активҳои доимӣ (техника, биноҳо ва ғ.) ба кор халал расонад ва идома додани фаъолияти меҳнатӣ дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) чун пештара имконнопазир мегардад.

Боз як сабаби дигари сохтани ҳисоботи мувозинатӣ ин барои дастрас намудани кредит мебошад. Яъне, ташкилотҳои бонкӣ пеш аз оне, ки маблағ ба қарз диҳанд, ҳисоботи мувозинатиро талаб карда, муносибати байни активҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои ҷориро тафтиш менамоянд. Қарздиҳандагон мехоҳанд донанд, ки фермер метавонад қарзро дар мӯҳлати муайяншуда баргардонад ва баъди пардохти қарз боз кори хешро идома диҳад.

### 2.2.3. Шакл ва мисол

Дар мамлакатҳои ғарб активҳо дар ҳисоботи мувозинатӣ бо тартиби камшавии талаботи бозорӣ ҷой дода мешаванд. Чӣ қадаре моли муайян зудтар фурӯхта шавад, эҳтимолияти гирифтани пули нақд ба ивази он бештар аст, бинобар ин номи ин маҳсулот дар руйхат бояд болотар бошад. Ҳамин хел активҳои ҷорӣ дар руйхат бояд пештар аз активҳои дарозмӯҳлат ҷойгир карда шаванд (Нигар ба ҷадвали 3).

Тартиби ҷойгиршавии ӯҳдадориҳо бояд ба иҷроиши фаврии онҳо мувофиқ ояд. Чӣ қадаре зудтар ӯҳдадориҳо ба иҷро расонида шаванд, ҳамон қадар дар руйхат болотар ҷойгир карда мешаванд. Масалан: Варақаҳои ҳисобӣ (Счет-фактуры)-ро зарур аст дар муддати якчанд рӯз истифода намоем ва баргардонидани кредитҳои дарозмӯҳлат на барвақтар аз як сол амалӣ карда

мешаванд. Ҳамин хел, ӯҳдадориҳои кӯтоҳмӯҳлат (онҳоро ӯҳдадориҳои ҷорӣ низ меноманд) бояд дар аввали руйхат ва ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат дар охири рӯйхат ҷой дода шаванд.

**Ҷадвали 3**

**Шакли ҳисоботи мувозинатӣ**

| *АКТИВҲО* | | *ПАССИВҲО* | |
|---|---|---|---|
| **АКТИВҲОИ ҶОРӢ:** | | **ӮҲДАДОРИҲОИ ҶОРӢ:** | |
| Пули накдӣ | | Ҳисоб-маблағҳое, ки бояд диҳанд | |
| | | (кредиторҳо): | |
| Ҳисоб-маблағҳое, ки бояд гиранд (дебиторҳо); | | 1. Ба таъминкунандагон | |
| Ҷувона ва чорвои парваришӣ | | 2. Ба давлат: | |
| Ашё ва амволи захиравӣ | | а) андозҳо;<br>б) пардохтҳои иҷтимоӣ | |
| Истеҳсолоти нотамом | | Кредитҳо (то 1-сол) | |
| Предметҳои камнарх ва зуд сӯфташаванда | | Дигар ҳисоб-маблагҳои кредитӣ | |
| **ҶАМЪИ АКТИВҲОИ ҶОРӢ:** | | **ҶАМЪИ ӮҲДАДОРИҲОИ ҶОРӢ:** | |
| | | | |
| **АКТИВҲОИ** | | **ӮҲДАДОРИҲОИ** | |
| **ДАРОЗМӮҲЛАТ** | | **ДАРОЗМӮҲЛАТ** | |
| Активҳои асосӣ: | | Кредитҳо (зиёда аз 1-сол) | |
| 1.Биноҳо ва иншоотҳо | | Дигар ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат | |
| 2. Техника ва таҷҳизотҳо | | | |
| 3. Дарахтзорҳои бисёрсола; | | **ҶАМЪИ ӮҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМӮҲЛАТ** | |
| 4. Пода, рама ва ғалаҳои асосӣ; | | | |
| 5. Маблағгузориҳои дарозмӯҳлати молиявӣ | | **КАПИТАЛИ ХУДӢ** | |
| | | | |
| **ҶАМЪИ АКТИВҲОИ ДАРОЗМӮҲЛАТ** | | **ҶАМЪИ КАПИТАЛИ ХУДӢ** | |
| *МУВОЗИНАТ* | | *МУВОЗИНАТ* | |

Агар мувозинати ҳисобдорӣ чун ҷадвали 3 сохта шуда бошад, он гоҳ ба осонӣ муносибатҳои гуногуни дар боло қайдшударо дидан мумкин аст, ки дар 2.2.2. шарҳ дода шудааст. Мумкин аст зуд муқоисаи байни активҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои ҷориро дида бароем, ки онҳо дар руйхат паси ҳам ҷой гирифтаанд.

Баъди он, ки ҳамаи активҳо ва пассивҳо ҳисоб карда шуданд, капитали худӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

***Капитали худӣ = Ҷамъи умумии активҳо - Ҷамъи умумии ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва дарозмӯҳлат;***

Активхо = ӯхдадорӣ + сармояи худӣ

ё $K = Ҷа - Ҷуӯҷд$

дар куҷо,

К - Капитали худӣ; **Ҷа** - ҷамъи умумии активҳо;

**Ҷ у ӯҷ д** - ҷамъи умумии ӯхдадориҳои ҷорй ва дарозмӯҳлат;

Сипас, мумкин аст ҳолати иқтисодии хоҷагии деҳқонй (фермерӣ) -ро таҳлил намоем.

Агар активҳо ба пассивҳо мувофиқ наоянд, он гоҳ ин маънои онро дорад, ки ҳангоми ҳисобу китоб ба хатогӣ роҳ дода шудааст ва ҳисоботи мувозинатиро аз нав тафтиш намудан лозим аст.

**Мисоли сохтани ҳисоботи мувозинатӣ**

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи мувозинатӣ ҳамон арзишҳое, ки ҳангоми баруйхатгирӣ муайян карда мешавад истифода бурда мешаванд. Ҳатто худи варақаи баруйхатгириро метавонем ба ҳисоботи мувозинатӣ ворид намоем. Ҳангоми истифодаи ин метод танҳо ба он арзиши пуллии активҳо ва пассивҳоро дохил менамоем.

**Ҷадвали 4.**

**Мисоли шартии сохтани ҳисоботи мувозинати**

| ***АКТИВҲО*** | | ***ПАССИВҲО*** | |
|---|---|---|---|
| **АКТИВҲОИ ҶОРӣ:** | | **ЎҲДАДОРИҲОИ ҶОРӣ:** | |
| | | | |
| Пули накдӣ | 59500 | Ҳисоб-маблағҳое, ки бояд диҳанд (кредиторҳо): | *10000* |
| Ҳисоб-маблағҳое, ки бояд гиранд (дебиторҳо); | 11200 | 1.Ба таъминкунандагон | |
| Ҷувона ва чорвои парваришӣ | 3000 | 2. Ба давлат: | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ашё ва амволи захиравӣ | 8400 | а) андозҳо;<br>б) пардохтҳои иҷтимоӣ | |
| Истеҳсолоти нотамом | 15000 | Кредитҳо (то 1-сол) | *50000* |
| Предметҳои камнарх ва зуд сӯфташаванда | 5400 | Дигар ҳисоб-маблағҳои кредитӣ | |
| Дигар активҳои ҷорй | 9000 | | |
| ҶАМЪИ АКТИВҲОИ ҶОРИ: | *111500* | ҶАМЪИ УХДАДОРИҲОИ ҶОРИ: | *60000* |
| | | | |
| <u>АКТИВҲОИ ДАРОЗМӮҲЛАТ</u> | | <u>ӮҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМӮҲЛАТ</u> | |
| Активҳои асосӣ: | | Кредитҳо (зиёда аз 1-сол) | *100000* |
| 1.Биноҳо ва иншоотҳо | *72000* | Дигар ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат | |
| 2. Техника ва таҷҳизотҳо | *28814* | | |
| 3. Дарахтзорҳои бисёрсола; | *16000* | ҶАМЪИ ӮҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМӮҲЛАТ | *100000* |
| 4. Пода, рамма ва галлаҳои асосӣ; | *5900* | | |
| 5. Маблаггузориҳои \|дарозмӯҳлати молиявӣ | *6500* | <u>КАПИТАЛИ ХУСУСӢ</u> | 80714 |
| ҶАМЪИ АКТИВҲОИ ДАРОЗМӮҲЛАТ | *129214* | *ҶАМЪИ КАПИТАЛИ* ХУДӢ | *80714* |
| *МУВОЗИНАТ* | *240714* | *МУВОЗИНАТ* | *240714* |

Дар ин мисоли шартӣ мувозинати умумӣ - 240714 сомонӣ, капитали худӣ - (270714-(60000+100000))=80714 сомониро ташкил мекунад. Акнун кор сари муқоиса, таҳлил ва ҳангоми зарурият қабул кардани баъзе чораҳо мебошад. Муҳим аст, қисматҳои гуногуни ҳисоби мувозинатиро бо солҳои гузашта муқоиса намоем.

Албатта, муносибатҳо бояд чун дар 2.2.2.ҳисоб карда шаванд. Муносибати байни активҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ = 1.86 ( 111.500/60000). Барои ин хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) пардохти ӯҳдадориҳои ҷорӣ душворие надорад, бо истифода аз активҳои ҷорӣ. Чунки суммаи умумии активҳои ҷорӣ нисбатан баланд аст. Қарори оқилона он аст, ки маблағгузориро ба активҳои дарозмуддат зиёдтар намоем.

## 3. Асосҳои ҳисоби муҳосибӣ

### 3.1. Асосҳои ҳисоби муҳосибӣ чист ?

Ҳисобу китоб фаъолиятест, ки имрӯз ба он аз ҷониби фермерони хоҷагиҳои хурду миёна дошта, қариб эътиное карда намешавад. Дар назари аввал фермерон аз ин фаъолияти иловагӣ фоидаеро намебинанд, чунки он аз фаъолияти асосии онҳо дур аст.

Асосҳои ҳисоби бухгалтерӣ - ин пешбурди қайдҳои ҳаррӯзаи ҳамаи муомилотҳо мебошад. Яъне, он чизе, ки фурӯхта шавад, он чизе, ки харида шавад, он чизе, ки бо воситаи бартер иваз карда мешавад бояд навишта шавад. Бо дигар суханҳо ҳамаи амволе, ки аз хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебарояд ва ҳамаи амволе, ки вориди хоҷагӣ мешавад.

Ин онро мефаҳмонад, ки навишти амалиётҳои молиявӣ аз ду қисм иборат аст: воридот, содирот. Воридот - ин ворид шудан ё маблаги аз дигарон гирифташуда мебошад. Аз дигар тараф содирот - ин пардохт ё маблағи ба дигарон додашуда аст. Ҳангоми бартер маънои ин ду қисмат қариб ноаён мемонад. Дар ин ҳолат зарур аст, навиштро дар содирот гузаронем. Фарз мекунем аз ҳамсоя шир мегирем ва ба ивазаш картошка медиҳем. Дар ҳисобу китоб бояд ду муомилотро қайд намоем: пардохт барои шир ва маблаги воридшуда барои картошкаро. Дар ҳарду муомилот як миқдор маблағро менависем, чунки мо танҳо онҳоро иваз намудем.

### 3.2. Барои чӣ онҳо лозиманд ?

Китоби муҳосибӣ барои навишти маълумотҳо истифода бурда мешавад, ки аз паси ҳар як муомилот назорат карда тавонем. Ин маълумотҳо бо сабабҳои зерин фоиданоканд:

- Барои донистани дахлу харҷ;
- Барои ёфтани роҳҳои камкунии хароҷот ва баланд бардоштани дахл (даромад);
- Қабул кардани қарорҳо барои ворид сохтани тағгиротҳо дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ).

Барои донистани ҳолати аслии дохилшавӣ ва пардохт навишти ҳар як муомила бисёр муҳим аст. Ҳамин хел, усули беҳтарин пешбурди қайдҳои ҳаррӯза мебошад. Агар қайдҳо дар як моҳ як маротиба гузаронида шаванд, аз

эҳтимол дур нест, ки ба баъзе хатогиҳо роҳ дода шавад. Дар сурати фаромӯш сохтани аққалан як амалиёт, ҳисобу китоб нодуруст мешавад ва аз он интизор шудани фоидае хилофи мантиқ аст.

Бинобарин қайдҳо бояд пайдарпай ва ҳаррӯз гузаронида шаванд.

### 3.3. Шакл ва мисол

Методҳои гуногуни пешбурди навишти ҳисобҳо мавҷуданд. Интихоби метод бошад, аз худи фермер вобаста аст. Барои аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и хурду миёна, мо муҳосиботи оддиро тавсия медиҳем. Он бо номи «Пешбурди муҳосиботи оддитарин» маълум аст ва мисоли пешбурди чунин ҳисобу китоб дар ҷадвали поён оварда мешавад.

Барои ин дафтари оддии мактаби кифоя аст. Саҳифаи аввалро кушода онро ба панҷ сутун тақсим менамоем: сутуни аввал нисбатан хурд ва сеюмашро нисбатан калон мегирем. Дар сутуни аввал -тартиби қайдҳоро, дар сутуни дуввум -таърихи рӯз, ки муомилот гузаронида шудааст, дар сутуни сеюм - менависем, ки чӣ фурӯхта ё харида шудааст, дар сутуни чорум - микдори маблағҳои дахл (даромад) ва дар сутуни панҷӯм микдори маблағҳои харҷ нишон дода мешаванд. Дар ҳар як моҳ чунин ҷадвал тартиб дода мешавад.

**Ҷадвали 5: Шакл барои пешбурди муҳосиботи оддӣ**

**Маблағҳои боқимонда аз моҳи пешин________________сомонӣ**

| № | Таърихи рӯз | Навишти муомила | Дахл | Харҷ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |
| 4 | | | | |
| 5 | | | | |
| 6 | | | | |
| 7 | | | | |
| 8 | | | | |
| 9 | | | | |
| … | | | | |
| … | | **ҶАМЪ:** | | |
| | | Фарқи байни дахл ва харҷ | | |
| | | Бақия дар охири моҳ | | |

Ҳамаи дастхатҳои расмӣ (квитансияҳо), ҳисоб-варақаҳо, ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои кориро бояд дар як ҷо, дар як баста нигоҳ дошт. Ҳангоми пайдо шудани шубҳа дар ҳисобу китоб зуд онро пайдо карда, тафтиш менамоед. Дар

сурати пайдо карда натавонистани ягон дастхати расмӣ он муомилотро метавонед аз ҷадвали дар дафтар тартиб дода, пайдо созед. Инчунин мумкин аст, фарқи байни дахлу харҷро муайян сохта, онро бо бақияи моҳи гузашта ҷамъ намуда, мо маблағи боқимондаи моҳи ҷориро маълум мекунед.

**3.3.1 Мисол**

Августи соли 2002: Точиддин Нуров сарвари хоҷагии деҳқонии (фермери) начандон калони «Бобо-Олим»-и ноҳияи Рудакӣ мебошад. Вай ба парвариши сабзавот машгул аст. Инчунин барои таъмини аъзоёни оила ба парвариши мурғҳо низ машгул аст.

Барои он, ки соҳиби даромади пулӣ бошад, ӯ ба истеҳсолу коркарди маҳсулоти ширӣ оғоз карда, барои ба бозор баровардан, панир истеҳсол менамуд. Сабзавотҳои аз талабот зиёдаро низ ба бозор мебаровард.

Хоҷагии «Бобо-Олим» аз моҳҳои гузашта ба микдори 1250 сомонӣ пули накд дошт.

1 - август хоҷагӣ ба маблағи 12.2 сомонӣ - фермент барои тайёр кардани панир харид ва дар ин бора ҳисоб-варака дорад. Аз 2 - август, баъди ҳар ду рӯз аз ҳамсоя-хоҷагӣ ба миқдори 4.0 - сомонӣ шир мехариданд. «Бобо - Олим» 4 киллограм панир истеҳсол менамуд ва ҳар киллограми онро бо нархи 13.0 сомонӣ дар бозор, рӯзҳои Шанбе (3,10,17,24 ва 31 август) мефӯрухт.

10, 14, ва 18 август «Бобо – Олим» ба тариқи бартерӣ (муовиза) 10 киллограм картошкаро ба 8 литр шир иваз намуд.

19 - август ба микдори 25.0 сомонӣ барои оила - орд ва барои мургҳо ба микдори 122 сомонӣ хӯрока харид.

20 ва 27- уми август «Бобо – Олим» 3 - мурғ ба бозор баровард. 20 - август, ӯ аз ҳисоби фурӯши мургҳо - 23.6 сомонӣ ва 27 август, 25.7 сомонӣ маблағ ба даст овард.

28 - август «Бобо-Олим» барои дастрас кардани лавозимотҳои мактабии наберагон 200.0 сомонӣ сарф кард.

Дар асоси ин навиштаҳо қайдҳои мувофиқи муомилотҳоро дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -и «Бобо-Олим», дар моҳи августи соли 2010 чун дар ҷадвали 5 тартиб диҳед.

**Ҷадвали 6: Мисоли пешбурди муҳосиботи оддӣ**

**Фермер:Точиддин Нуров Сол: 2010**

***Сурога:*** н.Рудакӣ, деҳаи Мағмуруд *Моҳ:* Август

Маблағи боқимонда аз моҳи пешин 1250 сомони

| № | Таърихи рӯз | Навишти муомила | Дахл | Харҷ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 01.08.10 | Хариди фермент барои панир | | 12,2 |
| 2 | 02.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 3 | 03.08.10 | Фурӯши 4 кг панир | 52,0 | |
| 4 | 04.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 5 | 06.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 6 | 08.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 7 | 10.08.10 | Фурӯши 4 кг панир | 52,0 | |
| 8 | 10.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 9 | 10.08.10 | Фурӯши 10 кг картошка | 4,0 | |
| 10 | 12.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 11 | 14.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 12 | 14.08.10 | Фурӯши 10 кг картошка | 4,0 | |
| 13 | 16.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 14 | 17.08.10 | Фурӯши 4 кг панир | 52,0 | |
| 15 | 18.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 16 | 18.08.10 | Фурӯши 10 кг картошка | 4,0 | |
| 17 | 19.08.10 | Хариди орд | | 25,0 |
| 18 | 19.08.10 | Хариди хӯрока барои мургон | | 12,2 |
| 19 | 20.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 20 | 20.08.10 | Фуруши 3 - мург | 23,6 | |
| 21 | 22.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 22 | 24.08.10 | Фурӯши 4 кг панир | 52,0 | |
| 23 | 24.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 24 | 26.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 25 | 27.08.10 | Фуруши 3 - мург | 25,7 | |
| 26 | 28.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |
| 27 | 28.08.10 | Хариди лавозимоти мактаб | | 200,0 |
| 28 | 30.08.10 | Хариди шир | | 4,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 29 | 31.08.10 | Фурӯши 4 кг панир | 52,0 | |
| | | ҶАМЪ | 321,3 | 309,4 |
| | | Фарқи байни дахл ва харҷ | 11,9 | |
| | | Бақия дар охири моҳ | 1261,9 | |

Дар ҷадвали 6, мисоли пешбурди пурраи муҳосиботи оддии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар намунаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и «Бобо-Олим»-и ноҳияи Рудакӣ, ки сарварии онро Тоҷиддин Нуров ба зимма дорад, барои моҳи августи соли 2010 нишон дода шудааст. Аз рӯи ин навиштаҳо ҳар як муомилотро дидан мумкин аст: чигуна даромадҳои пулӣ ва чигуна хароҷотҳо. Истифодаи чунин қайдҳо душвор нест, лек онҳо кӯмак менамоянд, ки фаҳмем, маблағҳо дар куҷо сарф шуданд, чӣ хел онҳо ба даст оварда шудаанд, инчунин роҳҳои камкардани хароҷотҳо ва афзун намудани даромадҳо тавассути ин қайдҳо имконпазир аст.

## 4. Муайян кардани даромади хоҷагӣ

Ҷузъи муҳими иқтисодиёти фермерӣ ин даромаднокии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Ин муқоисаи даромад бо намудҳои гуногуни хароҷотҳо аст. Мумкин аст, ҳисобҳоро барои намудҳои алоҳидаи истеҳсолот, дар алоҳидагӣ гузаронем ё ҳамаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) - ро яклухт.

Дар тафовут аз ҳисоботи мувозинатӣ, ки ҳисоботи активҳо ва ӯҳдадориҳо буда дар як сол як маротиба дар давраи муайяни сол тартиб дода мешавад, ҳисоби даромаднокӣ амали оморӣ ҳисоб карда намешавад. Танҳо он нишон медиҳад, ки маблағҳо чигуна ба даст оварда мешавад ва дар куҷо харҷ карда мешавад. Ҳисоби даромаднокӣ дар муддати тамоми сол гузаронида мешавад.

Ҳолати мавҷудаи сиёсати андозҳо ва тартиби пардохти онҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то имрӯз аз норасоию нофаҳмоиҳо холӣ нест. Бинобарин дар инҷо аз ҳисобу китоби онҳо худдорӣ намудем.

### 4.1. Хароҷот

Пеш аз ҳама ба мафҳуми «Соҳаҳои истеҳсолӣ» равшани меандозем. Ин мафҳум ягон соҳаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро мефаҳмонад. Яъне, соҳаи парвариши гандум, ҷав, сабзӣ, чорво ва ғайра. Ҳамаи ин қисматҳо самтҳои

хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад ва ҳамаи самтҳои истеҳсолӣ дар якҷоягӣ хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -и бутунро ташкил менамоянд.

Хоҷагии деҳқонй (фермерӣ) метавонад фақат як самти истеҳсолӣ дошта бошад, лекин дар бисёр ҳолатҳо якчанд самт дорад. Дар ҳар як самт як, баъзан ду маҳсулоти аввала истеҳсол карда мешавад. Масалан, говҳои ҷӯшой (ҳам шир ва ҳам гӯшт медиҳанд), гӯсфандон ( гӯшт ва пашм), гандум, пахта ва ғайраҳо.

Дар иқтисодиёти бозорӣ категорияҳои гуногуни хароҷотҳо мавҷуданд. Махсусан, хароҷотҳои мустақим ва ғайримустақим. Тақсими хароҷотҳо ба ин ду категория ҳангоми таҳлили ҳолатҳои иқтисодӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҷиҳати ба пеш бурдани ҳисоби дилхоҳ барои додашудаҳои гуногун кӯмаки амалӣ мерасонад. Барои баъзе мафҳумҳо чун - даромади умумӣ, фоида ва ғайраҳо ё хароҷоти мустақим ё хароҷоти ғайримустақим ё ҳарду истифода бурда мешавад.

### 4.1.1. Харҷотҳои мустақим чист ?

***Хароҷотҳои мустақим - чунин хароцотҳое мебошад, ки мустақиман ба ягон самти муайяни истеҳсолот равона карда мешавад.***

Масалан, хароҷотҳо барои ба даст овардани консентратҳо (кӯнҷора, ҷав ва ғ.) дар он ҳолате метавонад вуҷуд дошта бошад, ки агар дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) самти истеҳсолӣ барои парвариши чорво фаъолият намояд. Агар хоҷагии деҳқонӣ ба парвариши чорво машғул набошад, пас консентратҳо барои чӣ лозиманд ? Ин маънои онро дорад, ки агар самти махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ набошад, пас хароҷотҳои мустақим низ намешавад.

Мисоли дигари хароҷотҳои мустақим - ин тухмӣ мебошад. Масалан, тухмии гандум дар он ҳолате харида мешавад, ки агар хоҷагӣ ба парвариши гандум машғул бошад.

Руйхати хароҷотҳои мустақим ( барои дурусттар фаҳмидан якчанд мисолҳо дода мешавад.):

- Тухмӣ;
- Нуриҳои минералӣ;
- Гербисидҳо, пеститсидҳо (воситаҳои химиявии даъфи алафҳои бегона);
- Суғуртаи чорво ва растаниҳо;
- Об барои обёрӣ;
- Равғанҳои молиданӣ;
- Иҷораи техника;
- Хӯрокаи чорво;
- Дорувориҳо;
- Харҷҳои байторӣ;
- Пардохт барои чарогоҳ;

- Меҳнати ҳаррӯза;
- Фоизи маблағҳои ба қарз гирифташуда; ва ғайраҳо.

**Коргарон**

Меҳнати ҳаррӯза - ин хароҷоти мустақим аст, агар ягон нафарро ҳаррӯз барои иҷро намудани ягон кори махсус: кишт, ҷамъоварии ҳосил ва ғайраҳо киро намоянд. Ин маънои онро дорад, ки аниқ кардан мумкин аст, барои кадом соҳаи истеҳсолот ин коргарро киро намудаанд. Агар ин соҳаи истеҳсолот вуҷуд намедошт, ӯро киро намекарданд. Аз тарафи дигар, коргари доимӣ метавонад дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) намудҳои гуногуни корро ба иҷро расонад, вобаста ба қобилияти доштааш. Дар давраи ғунучини ҳосил ӯ метавонад ҳам кори худ (ҷӯшидани говҳо, додани хӯрок ба чорво, муҳосибӣ ) ва ҳам ба даравгарон ёрӣ расонад. Бинобарин, хароҷотҳо барои чунин корманди доимӣ як қисми хароҷотҳои гайримустақимро ташкил мекунад (Нигар ба 4.2.).

**Фоизҳои кредит барои маҳсулотҳои алоҳида чӣ тавр тақсим карда мешавад?**

Фоизҳои пулии гирифташударо бояд ба хароҷотҳои мустақим дохил намуд. Чунки агар фермер барои хариди нуриҳои минералӣ ҷиҳати пошидан ба ғалладонагиҳо он маблагро сарф карда бошад, бояд фоизашро супорад. Чунин хароҷотҳо барои фермер дар он ҳолате лозим аст, ки агар ӯ ба парвариши ғалладонагиҳо машғул бошад ва бо ин мақсад пул ба қарз гирифта бошад.

Масалан, фермер гандум мекорад. Барои парвариши он, ҷиҳати дастрас намудани нуриҳои минералӣ 10 000 сомонӣ қарз мегирад. Ба фермер зарур аст, ки соли аввал ба кредитор ин маблағ ва бар замми он 32% -и иловагиро баргардонад. Ин онро мефаҳмонад, ки ба дӯши фермер ба микдори 3200 сомонӣ (10000 * 32%) хароҷотҳои иловагӣ барои парвариши гандум бор шудааст. Ин хароҷотҳо як қисми хароҷотҳои мустақим, дар самти истеҳсолии парвариши гандум мебошад.

Агар фермер дар мисоли боло 10 000 сомониро барои эҳтиёҷотҳои гуногун гирифта бошад, пас ба ӯ лозим аст, фоизҳоро ба он самтҳое, ки пул дар онҳо харҷ карда мешавд, тақсим намояд. Мумкин аст, фермер 40% маблағро барои ба даст овардани нуриҳои минералӣ (барои парвариши гандум), 30 % маблағро барои харидани заҳрхимикатҳо ( парвариши лаблабӯи қанд) ва боқимонда 30 % -ро барои ба даст овардани доруҳои байторӣ (барои чорво) сарф намояд. Ҳамин хел, 4000 сомонӣ (40% аз 10000) хароҷот барои парвариши гандум, 3000 сомонӣ (30% аз 10000) барои парвариши лаблабӯ ва чорво, яъне тақсими фоизҳо мувофиқан қисми ҷудонашавандаи хароҷотҳои мустақими самтҳои истеҳсолӣ мазкур мебошад. Маблағи асосии кредит аз ҳисоби даромади хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) пардохт карда мешавад.

Масалан, гарчанде 10 000 сомонӣ ба се самти истеҳсолӣ (чун дар мисоли боло) харҷ шуда бошад, ҳам маблағи асосии кредит аз даромади умумӣ пардохт карда мешавад, барои он ки мо хоҳем нахоҳем кредитро новобаста аз зараровар ё фоидаовар будани самтҳои дар боло қайд шуда баргардонем.

### 4.1.2. Барои чӣ донистани харчотҳои мустақим зарур аст?

Додашудаҳои хароҷотҳои мустақим барои ҳисоби даромади умумӣ зарур аст (нигар ба 4.3.). Даромади умумӣ бошад барои ҳисоби самаранокии ҳар як самт истифода бурда мешавад. Ҳамин хел, ба мо лозим аст хароҷотҳои ҳар як самтро дар алоҳидагӣ донем.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки хароҷотҳои мустақим дар ҳолати муайян кардани самаранокии намудҳои алоҳидаи маҳсулот заруранд.

Инчунин, агар мақсади мо муайян кардани самаранокӣ, даромади умумӣ ё фоидаи умуман хоҷагии деҳқонӣ бошад, он вақт донистани хароҷотҳои ғайри мустақим ва тақсими он байни маҳсулотҳо зарур аст.

## 4.2. Хароҷотҳои ғайримустақим

### 4.2.1. Хароҷотҳои ғайримустақим чист ?

Дар боби 4.1 хароҷотҳои мустақим дида шуда буданд. Лек боз хароҷотҳои ғайримустақим мавҷуданд. Ин чист ? ***Хароҷотҳои гайримустақим - ин чунин хароҷотҳое мебошанд, ки онҳо барои самти алоҳидаи истеҳсолӣ ҷудо карда намешаванд.***

Хароҷотҳои ғайримустақим алоҳида барои гандум ё чорво ҷудо намегарданд. Онҳо бояд ба ҳамаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) таалуқ дошта бошад.

Хароҷотҳои ғайримустақим тез-тез таъғир намеёбанд, новобаста аз он, ки дар ягон самти истеҳсолӣ таъғироте ба вуҷуд меояд ё ҳосили хуб ба даст оварда шудааст. Масалан, Он вобаста нест аз он ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) гандум мекорад ё картошка, ҷамъи ҳосил ба 20 тонна баробар аст ё ба 30 тонна.
Руйхати хароҷотҳои ғайримустақим:

- Музди меҳнати коргарони доимӣ;
- Хароҷотҳо барои техникаи шахсӣ;
- Хароҷотҳо барои биноҳо;
- Маблағи пардохти иҷораи замин, биноҳо ва ғайра;
- Андози замин;
- Андози техника;
- Маблағи пардохти телефон;
- Пардохти ҳаққи барқ;
- Пардохти ҳаққи оби истифодаи умум; ва ғайраҳо.

**Баъзе шарҳу эзоҳот:**

Хароҷотҳо барои техника ба хароҷотҳои ғайримустақим дохил мешавад. Масалан трактор дар самтҳои гуногуни истеҳсолӣ истифода бурда мешавад: ҳангоми парвариши гандум, картошка ва ғайра. Бинобарин мо наметавонем гӯем, ки хароҷот ба трактор ин хароҷот ба як самти истеҳсолист. Вай харҷи ҳамаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Хароҷотҳои ғайримустақим аз ҷамъи ҳамаи даромадҳои соҳаҳои истеҳсолӣ ҷудо карда мешавад.

Андозҳо низ чун хароҷотҳои ғайримустақим дида баромада мешавад. Чунки ҳангоми таъғир ёфтани ягон самтҳои истеҳсолӣ ё худи истеҳсолот дар маҷмӯъ он таъғир намеёбад. Новобаста аз парвариши гандум ё картошка андози замин супорида мешавад.

Қайд менамоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мошинҳо ва механизмҳои тасмачарх, комбайнҳои ғалладаравӣ ва мошинҳои пахтачинӣ аз супоридани андоз озоданд.

Коргаре, ки ба кори доимӣ барои иҷро намудани корҳои гуногун киро шудааст ва дар самтҳои гуногуни истеҳсолӣ фаъолият мекунад, яъне соҳаи фаъолияташ маҳдуд нест. Бинобарин хароҷотҳои нигохдории ин корманд қисми хароҷотҳои ғайримустақимро ташкил мекунад. Дар сурате, ки хароҷотҳои меҳнати ҳаррӯзаи коргарон ба хароҷотҳои мустақим дохил мешавад.

Хароҷотҳои ҳаққи об, телефон ва баркро низ бинобар пеш омадани душвориҳо ҳангоми ба соҳаҳои алоҳида тақсим намудан, ба хароҷотҳои ғайримустақим дохил намудаанд.

### 4.2.2.Хароҷотҳои ғайримустақим байни маҳсулотҳои асосӣ, иловагӣ ва намудҳои алоҳидаи маҳсулот чӣ тавр тақсим карда мешавад?

Аксарияти маҳсулоти кишоварзӣ бо баробари маҳсулоти асосӣ, маҳсулоти иловагӣ низ медиҳад. Масалан, гандум (дон) – маҳсулоти асосӣ, коҳ-маҳсулоти иловагӣ. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки коэффитсиентҳои махсус истифода бурдан мумкин аст. Масалан, 1 кг кохи гандум ба 0,08 кг, яъне 8 гр гандуми шартӣ баробар аст. Хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот 4000 сомониро ташкил медиҳад. Истеҳсол карда шуд: гандум – 10000 кг, коҳ – 40000 кг. Маҳсулоти истеҳсолкардашударо ба бо роҳи зарб задани коэффитсиенти махсуси маҳсулоти иловагӣ ба маҳсулоти шартӣ табдил медиҳем.

10000 кг гандум *1 = 10000 кг = 75,8%

40000 кг коҳ * 0,08 = 3200 кг = 24,2 %

Ҷамъ: гандуми шартӣ   13200 кг = 100%

Барои истеҳсоли гандум: (4000 сомонӣ*75,8/100%)=3032 сомонӣ хароҷот шудааст.

Барои истеҳсоли коҳ: (4000 сомонӣ *24,2/100%) = 968 сомонӣ хароҷот шудааст.

Ҷамъ: 4000 сомонӣ

Арзиши аслии 1 кг гандум: 3032/10000=30,3=31 дирам

Арзиши аслии 1 кг коҳ: 968/40000=24= 3 дирам

Тартиби тақсими хароҷотҳои ғайримустақим барои намудҳои алоҳидаи маҳсулот

Ин амал асосан аз рӯи вазни қиёсӣ хароҷоти музди меҳнат ҳисоб карда мешавад. Масалан, ҳамаи хароҷотҳои ғайримустақим 7000 сомониро ташкил медиҳанд. Хароҷоти музди меҳнат барои се намуди маҳсулот чунин аст:

ТҒҲ «КАНЗ» **Модули «Менеҷмент дар хоҷагиҳои деҳқонӣ»**

| | | |
|---|---|---|
| Пахта - | 5000 – 50% | 7000*50%/=3500 сомонӣ |
| Гандум - | 2000 – 20 % | 7000*20%/100=1400 сомонӣ |
| Сабзавот – | 3000 – 30% | 7000*30%/100=2100 сомонӣ |
| **Ҷамъ:** | **10000 – 100%** | **Ҷамъ: 7000 сомонӣ** |

Ҳамин тариқ, хароҷотҳои ғайримустақим, ки 7000 сомониро ташкил медод, ба намуди маҳсулотҳо чунин тақсим шуд:

3500 сомонӣ барои пахта

1400 сомонӣ барои гандум

2100 сомонӣ барои сабзавот

Пас аз муайяншдани арзиши аслии 1 кг маҳсулот деҳқон бояд бо кадом нарх фурӯхтани маҳсулот ва ба даст овардани фоидаро фикр намояд. Дар мисоли мо арзиши аслии 1 кг дони гандум 31 дирам ва 1 кг коҳ 3 дирамро ташкил кард. Акнун бояд деҳқон бо мақсади ба даст овардани фоида 1 кг гандумро аз 31 дирам ва 1 кг кохро аз 3 дирам арзонтар нафурӯшад. Дар акси ҳол деҳқон аз истеҳсоли маҳсулоташ зарар мебинад.

## 4.3. Даромади умумӣ

### 4.3.1 Даромади умумӣ чист ?

Чи хеле дар қисмати 4.1 ( хароҷотҳои мустақим) гуфта будем, хоҷагии фермерӣ ба якчанд самтҳои истеҳсолӣ махсусгардонида мешавад. Дар ҳолати зарурӣ самаранокии иқтисодии ҳар як самтро муайян намуда, мо метавонем даромади умумиро ҳисоб намоем.

***Даромади умумӣ - ин муқоисаи даромад аз фурӯш (хизматрасонӣ) ва хароҷотҳои мустакими ҳар як самти истеҳсолӣ дар алоҳидагӣ мебошад.***

***Воридот - ин пардохти аз дигарон кабулкардашуда мебошад; Хароҷотҳои мустақим - ин пардохт ба дигарон ва бевосита ба самти алоҳидаи истеҳсолӣ дахл дорад.*** Хардуи ин муомила (воридот ва хароҷот) на бояд дар шакли пулӣ зоҳир шаванд: агар гӯштро бо картошка иваз намоянд, пас

ба истеҳсолоти картошкапарварӣ даромади баробар ба арзиши гӯшт ворид мегардад. Ин маънои онро дорад, ки новобаста аз он, ки шумо пул ё гӯшт гирифтаед, даромад дар ҳамон шакл ифода меёбад. Агар ба коргар ба ҷои пул картошка дода шавад, ҳамон хароҷот (вобаста ба музди меҳнат) ба истеҳсолоти картошкапарварӣ, новобаста аз он, ки Шумо картошка ё пул додаед, шомил сохта мешавад.

Барои ҳисоб кардани даромади умумӣ зарур аст ҳамаи хароҷотҳои мустақимро чӣ хеле дар қисмати 4.1. оварда шудааст, бояд ба назар гирем.

### 4.3.2. Барои чӣ он истифода мешавад ?

Ҳисоб кардани даромади умумӣ барои он зарур аст, ки самаранокии иқтисодии самтҳои алоҳидаи истеҳсолиро нишон диҳем. Пас аз муқоиса маълум мегардад, ки ҷамъи даромади умумии ба даст овардашуда хароҷотҳои ғайримустақимро пӯшонида метавонад ё не.

Ҳисоб кардани даромади умумӣ имконият медиҳад, ки самтҳои гуногуни истеҳсолоти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) муқоиса карда шавад, ва мо танҳо дар такя ба он метавонем самтҳои даромаднокро интихоб карда гирем. Масалан, ҳисоби даромади умумӣ барои гӯсфандон ва барои бӯзон гузаронида мешавад. Сипас ҳардуи рақамҳо муқоиса карда мешавад. Дар сурати зиёд будани яке аз рақамҳо, яъне баланд будани даромади умумии яке аз соҳаҳо мо тавсия медиҳем, ки хоҷагӣ ба пешбурди ҳамон соҳа машғул шавад. Лек чунин шарҳдиҳӣ бояд хеле эҳтиёткорона дода шавад. Мумкин аст ба чунин сатҳ расидани даромади умумии соҳа, аз сабаби касалиҳои ногаҳонӣ, ҳодисаҳои табиат ва ғайраҳо бошад. Ё даромади умумии соҳаи дуюм аз он сабаб боло рафт, ки бо амри тассодуф нархи баъзеи онҳо баланд гашт.

Дар ҳолати дилхоҳ пеш аз он, ки ба пешбурди ягон соҳа хотима диҳем, бояд бисёр ҷузъиётҳоро ба назар гирем: хароҷотҳои ғайримустақим, баланд шудани нарх дар оянда, хароҷотҳо барои он, ки истеҳсолоти дигарро оғоз намоем ё васеъ намудани истеҳсолот ва гайраро.

Мақсади асосии ҳисоби даромади умумӣ ин муқоисаи даромадҳои умумии самтҳои гуногуни истеҳсолӣ дар муддати якчанд сол мебошад. Чун ҳисоботҳо барои якчанд сол мавҷуд бошанд, пас мумкин аст онҳоро сол ба сол муқоиса намуда, таҳлил намоем. Таъғиротҳоро хоҳ ба тарафи мусбат ва хоҳ ба тарафи манфӣ пайхас намоем. Бештар дар кадом самтҳои истеҳсолӣ таъғирот ворид шудааст огоҳӣ ёбем. Барои чӣ чунин таъғиротҳо ба миён омадаанд ? Оё онҳо зуҳуроти махсус буданд ва эҳтимолияти руй додани онҳо дар соли оянда мавҷуд аст ё не ?.

Дастовардҳо оиди даромади умумӣ бояд бо даромади умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҳамсоя муқоиса карда шавад. Дар сурати мавҷудияти иқлим, хок, шароити якхела, ва ғайраҳо даромади умумӣ ва хароҷотҳо низ бояд

қариб якхела бошанд. Сабабҳои пастравӣ ё пешравӣ дарёфта шаванд, танҳо дар ин сурат ба пешравии соҳа мувваффақ мегарданд.

Даромади умумӣ фоидаи пурраи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -ро нишон намедиҳад. Вай танҳо фарқи байни даромад ва хароҷотҳои мустақими ҳар як самти алоҳидаи истеҳсолиро нишон медиҳад. Инчунин барои муқоисаи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бо баъзе стандартҳо ва меъёрҳои мавҷуда хизмат мекунад.

Ҳисоби даромади умумӣ дар кори таҳлили хоҷагӣ, сар карда аз ҷузъиётҳои молиявӣ то ҷузъиётҳои техникӣ ва баръакс хеле муҳим аст. Нишон додан мумкин аст, ки аз хариди тухмӣ, доруҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фоида гирифт ё зарар, оё дар оянда ин равандро идома медиҳем ё қатъ менамоем ва ғайра. Ҳамин чиз дар соҳаи чорводорӣ низ ҷой дорад, яъне хариду истифодаи хӯроки сершира оё зарар овард ё фоида. Меарзад, ки ба ин соҳаҳо маблағҳои иловагӣ сарф намоем ?.

Ҳамаи ин ҷузъиётҳои пешбурди хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҳисоби даромади умумӣ ворид карда шудаанд ва аз он самараи дилхоҳ таъғиротҳоро нишон додан мумкин аст. Самараи таъғиротҳоро дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба тариқи пулӣ нишон додан нисбатан эътимодноктар мебошад. Агар фермер бинад, ки даромади умумӣ аз ҳисоби хариди тухмӣ ё хариди нуриҳои минералӣ ба як микдори муайян зиёд шудааст, пас вай ин амали хешро метавонад соли оянда идома диҳад.

Ҳамин хел, ҳисоби даромади умумиро мумкин аст дар кори машваратӣ ва таҳлилӣ на танҳо барои дастрас намудани баъзе рақамҳо, балки барои нишон додани самараи дилхоҳ таъғирот дар истеҳсолот истифода бурдан мумкин аст.

### 4.3.3. Шакл ва мисол

Ахборотхое, ки дар шакли махсуси ҳисоби даромади умумӣ ворид карда мешаванд, бояд ҳама вакт рақамҳои воқеъиро дар бар гиранд. На бояд рақамҳое, ки меъёрҳо ва стандартҳоро нишон медиҳанд гирифта шаванд. Ҳисоботҳо бояд ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -и мушахас тааллуқ дошта бошанд, то вазъияти мавҷудаи иқтисодиро дар хоҷагии муайян дида тавонем. Мисолҳои дар поён овардашуда, танҳо ба хотири нишон додани роҳҳои ҳисобу китоб ва тарзҳои

истифода бурдани шаклҳо оварда шудаанд. Рақамҳо тасодуфианд ва вазъияти мушахасси хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро тасвир карда наметавонанд.

## Маҳсулотҳои кишоварзии яксола:

### Шакл барои ҳисоби даромади умумӣ

Шакл ду гурӯҳи нишондодҳоро дар бар мегирад: пурра самти бутуни истеҳсолот ва дар тақсимот ба 1 гектар. Гурӯҳи аввал нишон медиҳад, ки вазъият умуман дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар кадом поя қарор дорад.

Дастовардҳо ва пасандозҳо дар он намуде ворид карда шаванд, ки онҳо дар ҳамон намуд ба хоҷагӣ ворид шудаанд. Сипас ҳисобҳо нисбат ба 1 га гузаронида мешавад (Нигар ба ҷадвали 7). Қадами охирин (ҳисоби даромади умумӣ дар асоси стандарт) имконият медиҳад, ки нишондодҳоро муқоиса намоем. Сол ба сол миқдори замини фермер мумкин аст таъғир ёбад. Ин ҳолат дар хоҷагиҳои ҳамсоя низ метавонад ба мушоҳида расад. Лек агар даромади умумӣ барои 1 га ҳисоб шуда бошад, мумкин аст осонакак нишондодҳоро мукриса намуда, пас аз он таҳлил намоем.

**Ҷадвали 7: Шакл барои ҳисоби даромади умумии аз ҳисоби парварииш маҳсулотҳои яксола ба даст омада**

***ҲИСОБИ ДАРОМАДИ УМУМӢ БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ***

______________________

Мавқеъ:__________Масоҳат:_____________Фермер:____________
Машваратчӣ:______________________Таърихи руз:______________

ДАРОМАД ДАР МУДДАТИ СОЛ

| Номгуи маҳсулот | майдони кишт, га | Ҳосили умумӣ, сент. | Ҳосилнокӣ, сент/га | Нархи як сент. | Маблағи умумӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

ХАРОҶОТҲО ДАР МУДДАТИ СОЛ

| Нуриҳои минералӣ | Воҳиди ченак | Майдони кишт, га | Андохта шуд ба 1 га | Ҳамагӣ, сент. | Нархи як воҳид | Ҷамъи маблағи хароҷот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | кг | | | | | |
| 2 | кг | | | | | |
| 3 | кг | | | | | |
| Пору | тонна | | | | | |

| *Тухмӣ* | Воҳиди ченак | Миқдор | Миқдор Воҳид /га | Нархи як воҳ. | Ҷамъ (1га) |
|---|---|---|---|---|---|
| Худӣ | кг | | | | |
| Харида-шуда | кг | | | | |
| | | | | | |
| ***Захрхимикатҳо*** | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Инсекти-цидҳо | кг (л) | | | | |
| Фунгици-дҳо | **кг** | | | | |
| Гербит-сидҳо | кг(л) | | | | |

***Хароҷотҳои дигар***

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Обёрӣ | м3 | | | | |
| Зарфҳои холӣ | шт. | | | | |
| Нигохдорӣ | Сомонӣ | | | | |
| Суғурта | сомонӣ | | | | |

**Хароҷоти меҳнат**

| Намуди корҳо | Воҳиди ченак | Музди меҳнат | Сӯзишворӣ | *Равганҳои молиданӣ* | Ҳаққи иҷора | *Ҷамъ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шудгор | сом./га | | | | | |
| Коркард | сом./га | | | | | |
| Молакунӣ | сом./га | | | | | |
| Каланд | сом./га | | | | | |
| Кишт | сом./га | | | | | |
| Порӯи маҳаллӣ | сом./га | | | | | |
| Додани нуриҳо | сом./га | | | | | |
| Истифодаи заҳрхимикатҳо | сом./га | | | | | |
| Обмонӣ | сом./га | | | | | |
| Нармкунӣ | сом./га | | | | | |
| Ҷамъоварии ҳосил | сом./га | | | | | |
| Ҳаққи об | м$^3$/га | | | | | |
| Нақлиёт | сом./га | | | | | |
| Маркетинт | сом./га | | | | | |
| Ва ғайраҳо | | | | | | |

**Чорводорӣ: Шакл барои ҳисоби даромади умумӣ**

Барои ҳисоби даромади умумӣ дар соҳаи чорводорӣ, ҳамаи ахборотҳо (хароҷотҳо ва даромадҳо) нисбатан ба подаи махсус дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бояд ба шакл дохил карда шавад.Ва боз зарур аст ҳамаи гурӯҳи

рақамҳоро ҳисоб намоем: даромади умумӣ аз ҳамаи пода ва даромади умумӣ аз як чорво. Рақами якум нишон медиҳад, ки даромади соҳа хароҷотҳои мустақимро мепӯшонад ё не. Рақами дуввум (даромади умумӣ аз як чорво) имконият медиҳад, онро бо солҳои пешин, бо ҳамсоя-хоҷагиҳо ё бо баъзе стандартҳо муқоиса кунем.

Чун ҳатмӣ нест, ки дар дигар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) чунин миқдори чорво мавҷуд бошад, пас мо наметавонем суммаи даромади умумиро бо онҳо муқоиса кунем. Аммо метавонем даромадии умумӣ аз як чорворо бо онҳо муқоиса намоем.

**Ҷадвали 10: Шакл барои ҳисоби даромади умумии чорво**

**ҲИСОБИ ДАРОМАДИ УМУМИИ**
**МАҲСУЛОТИ ЧОРВО:________________Намуди чорво;**
Мавқеъ: _________ Фермер:_____________________
Миқдори чорво:___________Чорвои наслдиҳанда:________
Таърихи рӯз:______________

***ДАРОМАД ДАР МУДДАТИ СОЛ:***

| | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи як воҳид | Ҷамъ (сомони) |
|---|---|---|---|---|
| Шир | литр | | | |
| Гӯшт | кг | | | |
| Гӯшти ҷувона | кг | | | |
| Пашм | кг | | | |
| Пӯст | дона | | | |
| Фурӯши чорвои зинда | сар | | | |
| Тухм | дона | | | |
| Нуриҳои органикӣ | тонна | | | |
| ДАРОМАДИ УМУМИ: | | | | |
| ДАРОМАД/САР = ҶАМЪИ ДАРОМАД/ МИҚДОРИ ЧОРВО: | | | | |

***ХАРОҶОТҲО ДАР МУДДАТИ СОЛ***

| ХУРОКИ | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи як воҳид | Ҷамъ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Консентратҳо (ЕМ) | кг | | | |
| Намак | кг | | | |
| Сенаж | тонна | | | |
| Силос | тонна | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Хасбеда | тонна | | | |
| Коҳ | тонна | | | |
| Шири беравған барои гӯсола | литр | | | |
| Харочотҳо барои чарогоҳ | сомонӣ | | | |

***<u>Хароҷотҳои дигар</u>***

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Пурра кардани саршумор | сар | | | |
| Офати ҳайвонмурӣ | сар | | | |
| Истифодаи буққаи истеҳсолӣ | сомонӣ | | | |
| Инкубатсия | сомонӣ | | | |
| Хароҷотҳои байторӣ | сомонӣ | | | |
| Дорую дармони тиббӣ | сомонӣ | | | |
| Чӯпони қарорӣ | сомонӣ | | | |
| Дигар меҳнати қарорӣ | сомонӣ | | | |
| Нақлиёт | сомонӣ | | | |
| Маркетинг | сомонӣ | | | |

***Пули фоиз гирифташуда***
***Ҷамъи фоизҳои гирифташуда***

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сомонӣ | | | |
| ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ: | | | | |
| САРФИ МУСТАҚИМ/САР. = ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ/ МИҚДОРИ ЧОРВО | | | | |
| ДАРОМАДИ УМУМИ/САР. = ДАРОМАД/САР. - ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ/САР | | | | |
| ДАРОМАДИ УМУМӢ (ПОДА) = ДАРОМАДИ УМУМИ/САР. * МИҚДОРИ ЧОРВО | | | | |

**Чорводорӣ. Мисол**

Барои он, ки ин шаклро дуруст пур намоем ба ҷадвалҳои 11, 12 диққат медиҳем. Мисоли якум ба раммаи аз 30 гӯсфанд иборат буда таалуқ дорад. Даромади умумӣ аз ҳамаи рамма 60 сомониро ташкил мекунад, аз як гӯсфанд бошад, 2 -сомониро. Мисоли дуюм барои мурғҳо: 18 мокиён ва 2 хурӯс. Даромади умумӣ дар ин мисоли шартӣ 288 сомониро ташкил мекунад ва барои як мурғ 14,4 сомониро.

**Ҷадвали 11: Мисоли шартии ҳисоби даромади умумӣ аз 30 гӯсфанд (20-тояш меш).**

***ДАРОМАД ДАР МУДДАТИ СОЛ:***

| | Воҳиди ченак | Микдор | Нархи як вохид | Ҷамъ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Гушт | кг | 40 | 10 | 400 |
| Пашм | кг | 90 | 5 | 450 |
| Пуст | дона | 3 | 8 | 24 |
| Фурӯши чорвои зинда | сар | 16 | 200 | 3200 |
| Нуриҳои органикӣ | тонна | 3 | 100 | 300 |
| ДАРОМАДИ УМУМИ: | | | | 4374 |
| ДАРОМАД/САР=ҶАМЪИ ДАРОМАД/МИҚДОРИ ЧОРВО: | | | | 146 |

***ХАРОҶОТҲО ДАР МУДДАТИ СОЛ***

| ХЎРОКА | Воҳиди ченак | Микдор | Нархи як вохид | Ҷамъ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Консентратҳо (ЕМ) | кг | 540 | 0,4 | 216 |
| Намак | кг | 108 | 0,1 | 10,8 |
| Хасбеда | тонна | 30 | 100 | 3000 |

**Хароҷотҳои дигар**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Пурра кардани саршумор | сар | 4 | 200 | 800 |
| Дорую дармони тиббӣ | сомонӣ | | 200 | 200 |
| Нақлиёт | сомонӣ | | 100 | 100 |

**Кредит Пули Фоиз**
**Ҷамъи фоизҳои гирифташуда гирифташуда**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | *сомонӣ* | - | - | - |
| ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ: | | | | *4326,8* |

| | |
|---|---|
| САРФИ МУСТАҚИМ/САР. = ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ/ МИҚДОРИ ЧОРВО | *144* |
| ДАРОМАДИ УМУМИ/САР. = ДАРОМАД/САР. - ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ/САР | *2* |
| ДАРОМАДИУМУМИ(РАМА) = ДАРОМАДИ УМУМИ/САР. * МИҚДОРИ ЧОРВО | *60* |

**Ҷадвали 12: Мисоли шартии ҳисоби даромади умумӣ аз 20 сар мург (18-тояш мокиён)**

*ДАРОМАД ДАР МУДДА ТИ СОЛ:*

| | Воҳиди ченак | Микдор | Нархи як вохид | Ҷамъ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Гўшти мурғ | кг | 15 | 6 | 90 |
| Тухм | дона | 1900 | 0,3 | 570 |
| ДАРОМАДИ УМУМИ: | | | | 660 |
| ДАРОМАД/САР = ҶАМЪИ ДАРОМАД/ МИҚДОРИ ПАРРАНДА: | | | | 33 |

*ХАРОҶОТҲО ДАР МУДДА ТИ СОЛ*

| ХЎРОКА | Воҳиди ченак | Микдор | Нархи як вохид | Ҷамъ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Консентратҳо (ЕМ) | кг | 600 | 0,3 | 180 |
| Намак | кг | 10 | 0,1 | 1 |

*Харо ҷотҳои дигар*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Пурра кардани саршумор | сар. | 10 | 10 | 100 |
| Мӯрд | сар | 2 | 10 | 20 |
| Хароҷотҳои байторӣ | сомонӣ | | 50 | 50 |
| Дорую дармони тиббӣ | сомонй | | 20 | 20 |

***Пули Кредит*** ***Фоиз*** ***Ҷамъи фоизҳои гирифташуда*** ***гирифташуда***

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сомонӣ | - | - | - |
| ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ: | | | | *371* |

| | |
|---|---|
| САРФИ МУСТАҚИМ/САР. = ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ/ МИҚДОРИ ПАРРАНДА | *18,6* |
| ДАРОМАДИ УМУМИ/САР. = ДАРОМАД/САР. - ХАРОҶОТҲОИ МУСТАҚИМ/САР | *14,4* |
| ДАРОМАДИ УМУМИ = ДАРОМАДИ УМУМИ/САР. * МИҚДОРИ ПАРРАНДА | *288* |

Муқоиса намудани навъҳои гуногуни чорво ва парранда ниҳоят мураккаб аст, чунки даромаду хароҷотҳо тамоман гуногунанд. Ба ин нигоҳ накарда, муқоисаро ба он хотир мегузаронем, ки оё минбаъд низ фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -ро дар ҳамин раванд нигоҳ доштан зарур аст ё тағйир диҳем. Барои он, ки ба ягон қарор оем, аз аҳамият холӣ нест аввал натиҷаҳоро бо дастовардҳои солҳои пешин ё бо дастовардҳои ҳамсоя хоҷагиҳо муқоиса намоем.

Чи хеле дидем, ҳангоми ҳисоби даромади умумӣ ахборотҳои зиёде оиди самтҳои гуногуни хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба даст меояд. Агар ин ҳисобҳо дар заминаи рақамҳои воқеии хоҷагии Шумо ба иҷро расонида шавад, он аз аҳамият холӣ намебуд.

## 4.4. Фоида ва зарар

### 4.4.1. Фоида ва зарар чист ?

Дар боби 4.3. Шумо бо ҳисобу китоби даромади умумӣ шинос шудед; ин ҳисоби фоиданокии ҳар як самти истеҳсолии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар алоҳидагӣ буд. Акнун оиди фоидаи бутуни хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) истода мегузарем. Ҳамин хел, дар ҳисобу китоб зарур аст ҳамаи самтҳои истеҳсолии хоҷагӣ ва ҳамаи хароҷотҳои барои онҳо масрафшавандаро дохил намоем. Танҳо ҳангоми муқоисаи ҳамаи даромадҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бо хароҷотҳо дидан мумкин аст, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фоиданок аст яне:

***Даромади умумӣ - Хароҷотҳо (хароҷотҳои мустақим + хароҷотҳои ғайримустақим) = Фоида;***

Ба ҷои чунин ҳисоби фоида, Шумо метавонед ҷамъи даромадҳои умумии ҳамаи самтҳои истеҳсолиро гирифта аз он хароҷотҳои ғайримустақимро тарҳ намоед.

***Ҷамъи даромадҳои умумӣ - Хароҷотҳои ггайримустакцм =Фоида;***

Агар фоида бо чунин роҳ ҳисоб карда шавад, он гоҳ ба осонӣ дидан мумкин аст, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) аз кадом соҳа фоидаи зиёдтар мегирад.

Агар дар сутуни «Фоида» рақами манфӣ пайдо шавад, ин маънои онро дорад, ки ҷамъи даромад хароҷоти умумиро намепӯшонад ва хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) на фоиданок балки зиёновар мебошад. Ин нишонаи бениҳоят бад аст

ва зарур аст, ки ҳамаи рақамҳо аз нав тафтиш карда шавад. Дар сурати такрор ёфтан тамоми фаъолияти хоҷагиро таҳлил намуда, роҳҳои аз бӯҳрони иқтисодӣ баромаданро ҷустуҷу намудан лозим аст.

**4.4.2. Барои чӣ он истифода карда мешавад ?**

Чӣ хеле дар 4.4.1. қайд карда шуд, ҳисоби фоида ва зарарҳо маълумотҳои зиёдеро дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) медиҳад. Диққати асосӣ дар ин ҳолат на ба самтҳои гуногуни истеҳсолӣ (чӣ тавре дар ҳисоби даромади умумӣ ба иҷро мерасид), балки ба ҳолати бутуни хоҷагӣ ҷалб карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи самтҳои истеҳсолии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар якҷояги дида баромада мешавад ва мумкин аст даромаднокии онро ҳисоб намоем.

Агар мо рақами мусбатро ба даст оварем (яъне фоида на зарар ), ин маънои онро надорад, ки хоҷагӣ дорои воситаҳои зиёди истифоданашуда мебошад ва мо метавонем онро гайримақсад истифода барем. Фоида зарур аст:

- ба сифати даромад барои фермер ва оилаи вай;
- барои баргардонидани кредитҳо;
- барои маблағтузориҳои нав;
- барои ташкили захира, барои ҳолатҳои зарурӣ;

Ҳамин хел, баъди гузаронидани таҳлил ҳама вақт зарур аст, дар назди худ савол гузорем: «Мо бо фоида кор мекунем ё бо зарар ?».

Агар фермер бо зарар кор кунад, ҳама вақт бояд аз худ пурсад «Барои чӣ ?». Сабаб оё ҳодисаҳои табиат аст ё ягон ҳодисаи фавкуллода ва фермер бояд боварӣ ҳосил намояд, ки он соли дигар такрор намеёбад. Чунин ҳолат дар хоҷагиҳои ҳамсоя низ ба мушоҳида мерасанд.

Агар фермер ҳис намояд, ки соли оянда низ ин ҳолат такрор меёбад ва он на сабабҳои офатҳои табииянд, пас бояд хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба куллӣ таъғир ёбад. Зарур аст, ҳар як рақамро гаштаю баргашта ҳисоб намоем, ва назди худ савол гузорем: «Кадом вариант барои мо оптималист?». Муқоиса намудани навъҳои гуногуни чорво ва парранда ниҳоят мураккаб аст, чунки даромаду хароҷотҳо тамоман гуногунанд. Ба ин нигоҳ накарда, муқоисаро ба он хотир мегузаронем, ки оё минбаъд низ фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -ро дар ҳамин раванд нигоҳ доштан зарур аст ё таъғир диҳем. Барои он, ки ба ягон қарор оем, аз аҳамият холӣ нест аввал натиҷаҳоро бо дастовардҳои солҳои пешин ё бо дастовардҳои ҳамсояхоҷагиҳо муқоиса намоем.

Чи хеле дидем, ҳангоми ҳисоби даромади умумӣ ахборотҳои зиёде оиди самтҳои гуногуни хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба даст меояд. Агар ин ҳисобҳо дар заминаи рақамҳои воқеии хоҷагии Шумо ба иҷро расонида шавад, он аз аҳамият холӣ намебуд.

**4.4.3. Шакл ва мисол**

Чӣ гуна қайд намудем (4.4.1.), ду роҳи ҳисоби фоида мавҷуд аст: бо роҳи муқоисаи даромади кулли хоҷагӣ (общий доход) бо хароҷотҳои умумӣ ё муқоисаи ҷамъи даромади умумӣ (валового дохода) бо хароҷотҳои ғайримустақими умумӣ. Дар мисоли поён усули дуюм истифода гаштааст.

Барои равшанӣ андохтан ба хароҷотҳои ғайримустақим аз додашудаҳои қисмати 4.2., ва минбаъд ҳангоми чӣ гуна ҳисоб намудани хӯрдашавӣ аз додашудаҳои 2.1.3. истифода менамоеем.

**Ҷадвали 13: Шакли ҳисоби фоида ва зарарҳо**

Фермер: _______________ Суроға:______________________

Мушовир:_________________ Таърихи рӯз:_____________ ___

ДАРОМАДИ УМУМӢ

Сомонӣ

| | |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| ҶАМЪИ ДАРОМАДИ УМУМӢ | |

ХАРОҶОТҲОИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ

Сомонӣ

| | |
|---|---|
| Музди меҳнат | |
| Таъмири техника | |
| Таъмири бино | |
| Иҷораи иморат | |
| Иҷораи замин | |
| Андози техника | |
| Андози замин | |
| Пардохт ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ | |
| Пардохт барои хизматрасонии телефонӣ | |
| Пардохт барои барқ | |

*ҶАМЪИ* ХАРОҶОТҲОИ ҒАЙРИМӮСТАҚИМ

***ФОИДА Ё ЗАРАР =*** ☐

(ҶАМЪИ ДАРОМАДИ УМУМИ - ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ)

## Мисол

**Ҷадвали14: Мисоли шартии ҳисоби фоида ва зарарҳо**

ДАРОМАДИ УМУМӣ Сомонӣ

| | |
|---|---|
| 2 Га ҷав | 2200 |
| 0,5 Га картошка | 6400 |
| 0,1 Га гул-карам | 3200 |
| 20 гӯсфанд | 5000 |
| 3 гов | 2000 |
| ДАРОМАДИ УМУМИ | 18800 |

ХАРОҶОТҲОИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ Сомонӣ

| | |
|---|---|
| Музди меҳнат | - |
| Таъмири техника | 2600 |
| Таъмири бино | 4500 |
| Иҷораи иморат | 1400 |
| Иҷораи замин | - |
| Андози техника | 47 |
| Андози замин | 353 |
| Пардохт ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 100 |
| Пардохт барои хизматрасонии телефонӣ | 100 |
| Пардохт барои барқ | 320 |
| ҶАМЪИ ХАРОҶОТХОӢ ҒАЙРИМУСТАҚИМ | ***9420*** |

***ФОИДА Ё ЗАРАР*** = 9380

(ҶАМЪИ ДАРОМАДИ УМУМӣ - ҶАМЪИ ХАРОҶОТҲОИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ)

Дар ин мисоли шартӣ фоида ба 9380 сомонӣ баробар аст. Ин маблағи нисбатан калон мебошад. Акнун фикр мекунем, ки бо ин пул кадом хароҷотҳоро мепӯшонем:

- Хароҷотҳои фермер ва оилаи ӯ;
- Баргардонидани қарзҳо;
- Маблағгузориҳои нав;
- Ташкили захираҳо.

Масалан, агар фермер 3000 сомонӣ пули қарзро баргардонад, пас барои ӯ ва аҳли оилааш 6380 сомонӣ мемонад. Агар инро ба рӯзхури фермер баргардонем, яъне 6380 сомонй / 365 рӯз = 174 сомонию 80 дирам;

Маблағи ҳосилшуда аз талабот зиёд аст. Бинобарин фермер метавонад аз ҳисоби умумӣ қисми зиёдашро барои ташкили захира нигоҳ дорад.

## 5. Ҳаракати воситаҳои пулӣ

### 5.1. Ҳаракати воситаҳои пулӣ чист ?

Ҳисоби ҳаракати воситаҳои пулй - ин руйхати ҳамаи даромадҳои пулӣ ва хароҷотҳо дар давоми сол дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Чӣ хеле аз худи мафҳум мебарояд, ин ҷамъи пули дар фаъолият истифодашаванда ва аз он ба даст овардашуда мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳама вақт ду ҷараён мавҷуд аст: дахл ва масрафи пул.

Пешбинии ҳаракати воситаҳои пулӣ дар аввали сол гузаронида мешавад ва дар мавриди зарурӣ дар давоми сол ба танзим дароварда мешавад. Хусусан муҳим аст, давраҳои мушкилии молиявиро пешбинӣ намоем.

Пешбинии ҳаракати воситаҳои пулӣ бояд 12 моҳ, яъне як даври фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) -ро дар бар гирад. Дар сурати баръакс мумкин аст ба хатогӣ роҳ диҳем. Фермер хароҷотҳои нисбатан зиёдро дар фасли баҳор, барои хариди нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, тухмӣ ва ғайраҳо масраф менамояд, бинобар онҳо бояд ба тариқи муайян дар нақшаи корӣ дарҷ карда шаванд.

### 5.2. Он барои чи лозим аст ?

Пешбинии ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳангоми ба нақшагирии соли молиявӣ зарур аст. Бо ёрии он фермер мефаҳмад, ки кадом вақт - чӣ қадар маблағ лозим аст ва дар тамоми фаъолият бо кадом андоза маблағ мебояд.

Агар фермер бинад, ки микдори умумии маблағ кифоя нест, вай бояд хароҷотҳои хешро кам кунад, ё аз паи ҷустуҷуи маблағ шавад. Аз тарафи дигар агар фермер бинад, ки даромади ӯ ҳамаи хароҷотҳоро мепӯшонад, бояд фикр намояд дар ҳолатҳои лозимӣ оё маблағҳои заруриро пайдо карда метавонад. Чунки хароҷотҳо ба фасли баҳор рост меоянд ва даромадҳо ба фасли тирамоҳ. Дар сурати надоштани маблагҳои эҳтиётӣ бояд аз паи ҷустуҷуи маблағ шавад.

Пешбинии ҳаракати воситаҳои пулӣ имконият медиҳад, ки аз гирифтани қарзҳои фаврӣ озод бошем, яъне пешакӣ ба ин ҳолат тайёр мешавем.

### 5.3. Шакл ва мисол

Ба осонӣ чунин пешбинӣ намудан мумкин аст: як варақи қоғази на он қадар калонро гирифта, дар он 14 сутун ҷудо менамоем. Сутуни якум қадре васеъ гирифта мешавад, ки дар он ҳамаи категорияҳои харҷу сарф навишта мешавад. 12 сутуни минбаъда барои 12 моҳи сол ва сутуни охирин барои ҷамъбасти сол ҷудо мегардад. Сипас хатҳои горизонталӣ гузаронида шуда, дар онҳо даромадҳо ва хароҷотҳо чун дар ҷадвали 15 навишта мешаванд.

**Ҷадвали 15: Шакл барои пешбинии ҳаракати воситаҳои пули**

| | Январ | Феврал | **....** | Декабр | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| Дахли пул<br>…<br>…<br>… | | | | | |
| Даромадҳои пулӣ (А) | | | | | |
| Сарфи пул<br>…<br>…<br>… | | | | | |
| Ҷамъи хароҷотҳо (Б) | | | | | |
| Зиёдатӣ ё норасоӣ (А-Б) | | | | | |
| Бақияи гузаранда аз моҳи гузашта | | | | | |
| Бақия дар охири моҳ | | | | | |

### 5.3.1. Мисол

Барои равшанӣ андохтан ба пешбинии ҳаракати пул мисоли зеринро дида мебароем:

Январи соли 2006: Носиров Бобо-Қодир сарвари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. У соҳиби 3 Га замин, 20 гӯсфанд, 3 гов ва паррандаи хонагӣ аст. Дар охири соли 2005, дар дасти ӯ 500 сомонӣ пули накд буд. Ҳамсояаш аз ӯ 600 сомонӣ пул қарз гирифта буд, лек Қ..Носиров намедонад, ки ӯ кай пулро бармегардонад.

Бобо-Қодир сабзавот парвариш менамояд ва дар бозори Шоҳмансур ба фурӯш мебарорад. Ва ин манъбаи ягонаи даромад аст. Фаъолияти фермерӣ асосан аз моҳи март сар шуда, моҳи октябр ба охир мерасад. Ба ҳисоби миёна Бобо-Қодир ҳар як моҳи тобистон (июн, июл, август) ба микдори 400 сомонӣ сабзавот мефурӯшад. Дар моҳи сентябр ва октябр ба микдори 500 сомонӣ ҳар моҳ сабзавот фурӯхт. Моҳи май 200 сомонӣ ва моҳи апрел 100 сомонӣ сабзавот фурӯхта шуд. Аз моҳи декабр то моҳи март амалиёти хариду фурӯш гузаронида нашудааст. Иловатан, ҳар моҳ сар карда аз моҳи март то ноябр номбурда, ба микдори 200 сомонигӣ ширу ҷургот фурӯхтааст. Барои зиндагии оила ҳар моҳ тахминан 600 сомонӣ зарур аст. Инчунин барои тайёр кардани фарзандон ва наберагон ба мактаб ба Бобо-Қодир дар моҳи сентябр 1000 сомонӣ зарур аст. Фермер Бобо-Қодир мехоҳад дар оянда картошкаи тухмӣ парвариш намояд.

Барои ин ба вай тухмии баландсифат, нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо заруранд. Яъне, дар фасли баҳор лозим аст ба миқдори 1000 сомонӣ тухмӣ, 200 сомонӣ -нуриҳои минералӣ, 400 сомонӣ равғанҳои молиданию сӯзишворӣ харад. Ин маънои онро дорад, ки ба Бобо-Қодир иловатан дар фасли баҳор 1600 сомонӣ лозим аст. Барои пӯшонидани ин хароҷотҳо дар моҳи март, оила 10 барра (35 киллограм ҳар кадомаш) бо нархи 10 сомонӣ барои як киллограм вазни зинда, ва моҳи октябр 8 барра (50 киллограм ҳар кадомаш) бо нархи 8 сомонӣ барои як киллограм вазни зинда фурӯхт. Дар моҳи январ ӯ барои истеҳсоли картошкаи тухмӣ сертификат гирифт. Барои пешбурди ин соҳа 3000 сомонӣ бо 12 фоизи солона кредит гирифт ва аз моҳи оянда бояд ҳармоҳ, пардохти фоизҳо оғоз гардад.

Бобо-Қодир дар 0,5 Га замин 1,25 тонна тухмии баландсифати картошка мекорад, ки онҳоро моҳи март бо нархи 1500 сомонӣ барои як тонна дастрас намуда буд. Дар моҳи сентябр Бобо-Қодир бо аҳли оилааш 8 тонна картошка ҷамъоварӣ менамояд ва онҳоро дар фасли баҳори оянда ба фурӯш мебарорад. Тухмиҳоро лозим аст 6 - моҳ дар анбор нигоҳ доранд. Барои ин ӯ ҳар моҳ 100 сомонигӣ (50% -ашро то 1-октябр ва 50 % -ашро охири фасли баҳор) пардохт намояд.

## 6.Андози замин ва суғуртаи иҷтимоӣ

Истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пулакӣ буда, барои истифодаи он ҳар сол андози замин ва иҷорапулӣ ситонида мешавад, ки он аз фаъолияти хоҷагидории заминистифодабарандагон алоқамандӣ надорад.

Аз соли 2005 сар карда андозбандии заминистифодабарандагон мувофиқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он 6-декабри соли 2004, таҳти № 61 қабул гардидааст, сурат мегирад. Баъдан ба кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд маротиба таъгироту иловахо ворид гардиданд ва иҷрои онҳо ҳатмист.

Мутобиқи Кодекси андози амалкунанда барои ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба ҷои шаш намуд андози пешбинишудаи солҳои гузашта, дар Ҷумҳурӣ андози ягонаи замин муайян карда шудааст.

Маблағи андози замин бо роҳи зарб задании меъёри миёнаи андози замин ба масоҳати замини ҷудошуда муайян карда мешавад.

Кодекси нави қабулгардида андозбандиро дар минтақаҳои кадастрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти арзиши кадастрӣ, сифату ҷойгиршавии қитъаи замин, аз рӯи гурӯҳҳои замин, таъиноти мақсадноки заминҳо хусусиятҳои иқлимию табии хок ва ҳосилхезии хок, дар майдонҳои замин барои як сол танзим ва тафриқа менамоянд.

Ба ғайр аз ин 3 – намуди андози маҳалӣ мавҷуд аст (андоз аз фурӯши чакана, андоз аз амвол ва андоз барои нигоҳ доштани нақлиёти ҷамъиятии мусофиркашонӣ).

## Намуди андозҳо

Кадом намудҳои андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд?
Андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд аз:

- умумӣ – давлатӣ;
- маҳаллӣ

## 1. Ба андозҳои умумидавлатӣ дохиланд:

а) андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ
б) андози даромад
в) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ
г) андоз аз арзиши иловагӣ
е) акцизҳо андози ғайри мустақим ба фурӯши молҳои сермасриф
ж) андози замин
з) андози маъданковӣ
и) андози амволи корхонаҳо
к) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард
л) андоз аз шахсони соҳибкори хурд бо усули оддӣ месупоридагӣ
м) андоз аз фурӯши (нахи пахта ва алюмин)
н) боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ
о) боҷҳои давлатӣ

## 2. Ба андозҳои маҳаллӣ дохиланд:

а) андоз аз фурӯши чакана
б) андози амволи ғайриманқули шахсони воқеъӣ
в) андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиётӣ

## Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ

Истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пӯлакӣ буда, барои истифодаи он ҳар сол андози замин ва иҷорапулӣ ситонида мешавад, ки он аз фаъолияти хоҷагидории заминистифодабарандагон вобастагӣ надорад.

Аз соли 2005 инҷониб андозбандии заминистифодабарандагон тибқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он аз 21 декабри соли 2006 таҳти № 219 қабул гардидааст, ҷорӣ гардидааст.

Меъёрҳои миёнаи андози замин доир ба заминҳои шаҳрҳо ва шаҳракҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мақоми ҳар як шаҳр ва шаҳракҳо тафриқа мешавад.

Мӯҳлатҳои пардохти андози замини шаҳру шаҳракҳо тибқи моддаи 270 Кодекси андози ҶТ чунин муқаррар шудаанд: на дертар аз 15 март, 15 июн, 15 сентябр ва 15 декабр дар ҳаҷми қисми боқимондаи маблағи солона.

Андози замин ва андози ягона доир ба минтақаҳои кадастрии Суғд, Ҳисор ва Кӯлоб бо дарназардошти тафовутҳои илмию табиӣ инчунин ба минтақаҳои кӯҳӣ тақсим карда шуда, меъёрҳои чунин андозҳо нисбат ба воҳидҳо пастар карда шудаанд, андози ягона бошад дар шакли алоҳида муқаррар карда шуда, бисёр масъалаҳои душвор ва ҳалталаб аз байн бурда шуд.

**Меъёрҳои миёнаи андози замин дар ҳудуди минтақаҳои кадастрӣ ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои куҳӣ, ба ҳисоби сомонӣ аз як гектар дар соли 2010**

| № б/т | Номгӯи минтакаҳои кадастрӣ ва ноҳияҳо | Заминҳои кишт ва дарахтзорҳои бисёрсола | | чарогоҳҳо | Алафзорҳо | Роҳҳо, кӯчаҳо, иморатҳо, майдонҳо, бешаҳо, ҷӯйҳо, каналҳо, ва заҳбурҳо | Дигар заминҳои истифода нашаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | обӣ | лалмӣ | | | | |
| **1** | 2 | **3** | **4** | 5 | 6 | 7 | **8** |
| **I. Суғд** | | **71,55** | **13,12** | **2,38** | **4,76** | **8,34** | **1,2** |
| 1 | Ашт | 72,08 | 13,12 | 2,27 | 4,42 | 8,34 | 1,2 |
| 2 | Б. Ғафуров | 72,17 | 13,37 | 2,38 | 4,76 | 8,34 | 1,2 |
| 3 | Ғончӣ | 54,33 | 13,7 | 3,46 | 6,8 | 8,34 | 1,2 |
| 4 | Зафарobод | 84,56 | 13,12 | 2,27 | 4,42 | 8,34 | 1,2 |
| 5 | Исфара | 79,8 | 13,12 | 2,86 | 5,6 | 8,34 | 1,2 |
| 6 | Истаравшан | 56,46 | 14,41 | 2,86 | 5,6 | 8,34 | 1,2 |
| 7 | Конибодом | 79,65 | 13,12 | 2,27 | 3,22 | 8,34 | 1,2 |
| 8 | Мастчоҳ | 83,9 | 15,37 | 2,27 | 4,42 | 8,34 | 1,2 |
| 9 | Спитамен | 87,06 | 15,37 | 2,27 | 4,42 | 8,34 | 1,2 |
| 10 | Ҷ. Расулов | 85,58 | 14,41 | 2,62 | 5,36 | 8,34 | 1,2 |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| **М**интакаи кухӣ | | | | **4,76** | **7,16** | **7,16** | **0,95** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | Айни | 41,12 | 7,21 | 4,3 | 6,44 | 7,16 | 0,95 |
| 12 | Мастчоҳи кӯҳӣ | 42,41 | 7,57 | 4,3 | 6,44 | 7,16 | 0,95 |
| 13 | Панҷакент | 65,92 | 5,79 | 5,12 | 7,74 | 7,16 | 0,95 |
| 14 | Шаҳристон | 35,49 | 12,52 | 5,12 | 7,74 | 7,16 | 0,95 |
| **II. Ҳисор** | | **76,31** | **31,01** | **4,76** | **5,96** | 7,16 | 1,2 |
| 1 | Ваҳдат | 65,49 | 33,82 | 5,25 | 5,72 | 7,16 | 1,2 |
| 2 | Рӯдакӣ | 69,78 | 30,88 | 5,36 | 6,68 | 7,16 | 1,2 |
| 3 | Турсунзода | 85,79 | 21,94 | 4,18 | 5,25 | 7,16 | 1,2 |
| 4 | Шахринав | 99,66 | 24,84 | 5,36 | 6,68 | 7,16 | 1,2 |
| 5 | Ҳисор | 88,88 | 23,62 | 4,76 | 5,96 | 7,16 | 1,2 |
| Минтакаи кухӣ | | | | **4,76** | **5,96** | **5,96** | 0,95 |
| 6 | Варзоб | 55,99 | 31,8 | 4,52 | 5,84 | 5,96 | 0,95 |
| 7 | Файзобод | 58,78 | 55,2 | 5,25 | 6,56 | 5,96 | 0,95 |
| **III. Рашт** | | **62,01** | **45,31** | **4,76** | **7,16** | **7,16** | 0,95 |
| 1 | Нуробод | 53,12 | 45,45 | 5,36 | 7,99 | 7,16 | 0,95 |
| 2 | Рашт | 60,72 | 51,63 | 5,36 | 7,99 | 7,16 | 0,95 |
| 3 | Рогун | 53,12 | 44,26 | 5,36 | 7,99 | 7,16 | 0,95 |
| 4 | Тавилдара | 64,35 | 40,22 | 4,42 | 6,56 | 7,16 | 0,95 |
| 5 | Тоҷикобод | 72,55 | 47,7 | 5,49 | 8,23 | 7,16 | 0,95 |
| 6 | Ҷиргатол | 61,82 | 39,85 | 4,76 | 7,16 | 7,16 | 0,95 |
| **IV. Кулоб** | | **78,7** | **36,97** | **3,58** | **5,96** | **7,16** | 1,2 |
| 1 | Восеъ | 93,69 | 37,68 | 5,36 | 8,94 | 7,16 | 1,2 |
| 2 | Данғара | 59,95 | 38,67 | 3,22 | 5,36 | 7,16 | 1,2 |
| 3 | Кӯлоб | 88,12 | 38,17 | 3,46 | 5,72 | 7,16 | 1,2 |
| 4 | Темурмалик | 57,79 | 39,11 | 4,18 | 6,91 | 7,16 | 1,2 |
| 5 | Фархор | 79,29 | 34,59 | 1,67 | 2,86 | 7,16 | 1,2 |
| 6 | Ҳамадонӣ | 88,42 | 38,67 | 3,22 | 5,72 | 7,16 | 1,2 |
| Минтакаи кухӣ | | | | 4,76 | **7,16** | **5,96** | **0,95** |
| 7 | Балҷувон | 44,7 | 34,07 | 3,93 | 5,96 | 5,96 | 0,95 |
| 8 | Муъминобод | 47,31 | 34,89 | 4,89 | 7,28 | 5,96 | 0,95 |
| 9 | Норак | 53,1 | 33,08 | 2,5 | 3,82 | 5,96 | 0,95 |
| 10 | Ховалинг | 44,69 | 34,07 | 7,28 | 10,97 | 5,96 | 0,95 |
| 11 | Шӯрообод | 42,55 | 35,53 | 5,12 | 7,74 | 5,96 | 0,95 |
| **V. Вахш** | | **110,9** | **27,43** | **2,38** | **4,76** | **8,34** | **1,2** |
| 1 | А. Ҷомӣ | 106,32 | 18,81 | 2,98 | 5,84 | 8,34 | 1,2 |
| 2 | Бохтар | 111,88 | 19,38 | 2,74 | 5,49 | 8,34 | 1,2 |
| 3 | Вахш | 120,02 | 32,15 | 2,38 | 4,76 | 8,34 | 1,2 |
| 4 | Евон | 67,76 | 27,43 | 3,22 | 6,56 | 8,34 | 1,2 |
| 5 | Кубодиён | 115,66 | 26,48 | 2,86 | 5,6 | 8,34 | 1,2 |
| 6 | Кумсангир | 120,02 | 26,48 | 2,03 | 4,06 | 8,34 | 1,2 |
| 7 | Н. Хусрав | 107,44 | 26,48 | 1,78 | 3,48 | 8,34 | 1,2 |
| 8 | Панҷ | 124,37 | 27,31 | 2,98 | 5,84 | 8,34 | 1,2 |
| 9 | Сарбанд | 106,32 | 27,43 | 2,98 | 5,84 | 8,34 | 1,2 |
| 10 | Хуросон | 101,62 | 27,31 | 2,98 | 5,84 | 8,34 | 1,2 |
| 11 | Ҷ.Румӣ | 126,03 | 45,05 | 2,03 | 4,06 | 8,34 | 1,2 |
| 12 | Ҷиликул | 126,27 | 26,48 | 1,78 | 3,58 | 8,34 | 1,2 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Шаҳритус | 107,37 | 26,48 | 1,78 | 3,58 | 8,34 | 1,2 |
| **VI. ВМКБ** (бе Мурғоб) | | **21,47** | **9,54** | **2,38** | **3,58** | **3,58** | **0,95** |
| 1 | Ванҷ | 28,69 | | 1,9 | 2,74 | 3,58 | 0,95 |
| 2 | Дарвоз | 27,39 | 9,54 | 2,74 | 4,06 | 3,58 | 0,95 |
| 3 | Ишкошим | 16,85 | 0 | 2,38 | 3,58 | 3,58 | 0,95 |
| 4 | Рошткалъа | 17,86 | 0 | 2,38 | 3,58 | 3,58 | 0,95 |
| 5 | Рӯшон | 26,34 | 0 | 1,9 | 2,74 | 3,58 | 0,95 |
| 6 | Хоруғ | 21,47 | 0 | 2,38 | 3,58 | 3,58 | 0,95 |
| 7 | Шуғнон | 17,86 | 0 | 2,38 | 3,58 | 3,58 | 0,95 |

Меъёри миёнаи андоз якхела набуда, он дар ҳар як ноҳия гуногун мебошад. Меъёри андози замини обӣ ва дарахтзорҳои ниҳолҳои бисёрсолаи обӣ дар сатҳи минтақаҳои кадастрии ҷумҳурӣ тағйир меёбад.

Андози замин дар асоси Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин муайян мегардад. Андозбандии замин тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масоҳати замини амалан истифодашаванда қабул карда шудааст. Андози замин аз натиҷаи фаъолияти хоҷагидории заминистифодабарандагон вобаста набуда, дар шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин баҳисоби якс ол муқаррар карда мешавад.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 267 Кодекси андоз меъёрҳои миёнаи андози замин дар ҳудуди минтақаҳои кадастрӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар деҳот бояд тибқи тартиби зерин андозбандӣ карда шавад: - майдони ҳар як қитъаи замини дар асоси ҳуҷҷатҳои алоҳида вобасташуда дар алоҳидагӣ андозбандӣ карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қитъаи замин ҳамҳудуд бошанд.

**Меъёрҳои миёнаи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди минтақаҳои кадастрӣ ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ ба ҳисоби сомонӣ аз як гектар дар соли 2010**

| № т/р | Номгуи минтақаҳои кадастрӣ ва ноҳияҳо | Намудҳои замини таъиноти кишоварзӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Заминҳои кишт | | | Дарахтзорҳои бисёрсола | | |
| | | обёрии табиӣ | обёрии мошинӣ | лалми | обёрии табиӣ | обёрии мошинӣ | лалми |
| **1** | 2 | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** |
| **I. Суғд** | | **143,09** | **104,94** | **8,34** | **166,94** | **112,24** | **9,54** |
| 1 | Ашт | 144,17 | 105,64 | 8,34 | 168,14 | 120,03 | 9,42 |
| 2 | Б.Ғафуров | 144,4 | 105,88 | 8,47 | 168,49 | 120,32 | 9,66 |
| 3 | Ғончӣ | 111,6 | 80,18 | 8,7 | 130,21 | 93,02 | 9,89 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Зафаробод | 169,21 | 124 | 8,34 | 197,34 | 140,95 | 9,54 |
| 5 | Исфара | 159,67 | 117,1 | 8,34 | 186,26 | 133,07 | 9,54 |
| 6 | Истаравшан | 117,69 | 86,33 | 9,18 | 137,25 | 98,01 | 10,49 |
| 7 | Конибодом | 159,31 | 116,74 | 8,34 | 185,77 | 132,72 | 9,54 |
| 8 | Мастчоҳ | 167,77 | 123,06 | 9,78 | 195,68 | 145 | 11,21 |
| 9 | Спитамен | 174,1 | 127,58 | 9,78 | 203,08 | 145 | 11,21 |
| 10 | Ҷ. Расулов | 171,23 | 125,57 | 9,18 | 199,73 | 142,61 | 10,49 |
| **Минтақаи куҳӣ** | | 124 | 95,4 | 11,92 | 133,56 | 104,94 | 11,92 |
| 11 | Айнӣ | 118,4 | 91,1 | 8,47 | 127,47 | 100,04 | 8,47 |
| 12 | Мастчоҳи кӯҳӣ | 122,1 | 93,96 | 9,66 | 131,53 | 103,39 | 9,66 |
| 13 | Панҷакент | 134,98 | 114,12 | 7,4 | 145,36 | 114,23 | 7,4 |
| 14 | Шаҳристон | 103,5 | 79,65 | 15,98 | 111,5 | 87,76 | 15,98 |
| **II. Ҳисор** | | 152,63 | 104,94 | 9,54 | 166,94 | 112,24 | 11,92 |
| 1 | Ваҳдат | 128,31 | 88,23 | 10,38 | 140,35 | 100,28 | 13 |
| 2 | Рудакӣ | 139,63 | 96 | 9,42 | 152,63 | 108,99 | 11,8 |
| 3 | Турсунзода | 171,59 | 117,93 | 6,8 | 187,69 | 134,02 | 8,47 |
| 4 | Шаҳринав | 175,53 | 120,68 | 7,64 | 192,1 | 137,25 | 9,54 |
| 5 | Ҳисор | 177,79 | 122,22 | 7,28 | 194,48 | 138,91 | 9,07 |
| **Минтақаи куҳӣ** | | 119,24 | 85,85 | 10,72 | 128,72 | 100,16 | 15,5 |
| 1 | Варзоб | 113,99 | 82,03 | 7,87 | 123,06 | 95,76 | 11,32 |
| 2 | Файзобод | 124,49 | 89,67 | 13,7 | 134,38 | 104,46 | 19,79 |
| **III. Рашт** | | 124 | 95,4 | 11,92 | 133,55 | 104,94 | 21,27 |
| 1 | Нуробод | 106,24 | 81,68 | 11,92 | 114,36 | 89,8 | 17,88 |
| 2 | Рашт | 121,38 | 93,36 | 13,6 | 130,69 | 102,66 | 20,39 |
| 3 | Роғун | 106,24 | 81,68 | 11,69 | 114,36 | 89,8 | 17,52 |
| 4 | Тавилдара | 128,66 | 98,98 | 10,62 | 138,57 | 108,86 | 15,98 |
| 5 | Тоҷикобод | 145,13 | 111,6 | 12,52 | 156,21 | 122,7 | 18,72 |
| 6 | Ҷиргатол | 123,66 | 95,03 | 10,49 | 133,19 | 104,7 | 15,74 |
| **IV. Кӯлоб** | | 157,39 | 104,94 | 10,72 | 166,53 | 119,24 | 8,34 |
| 1 | Восеъ | 187,45 | 124,97 | 10,97 | 198,66 | 141,9 | 8,58 |
| 2 | Данғара | 119,96 | 79,89 | 11,21 | 127,23 | 90,74 | 8,7 |
| 3 | Кӯлоб | 176,24 | 117,46 | 11,08 | 186,86 | 133,55 | 8,58 |
| 4 | Темурмалик | 115,55 | 77,04 | 11,32 | 122,46 | 87,46 | 8,82 |
| 5 | Фархор | 158,59 | 105,64 | 10,02 | 168,01 | 119,96 | 7,74 |
| 6 | Ҳамадонӣ | 176,83 | 117,8 | 11,21 | 187,57 | 133,91 | 8,7 |
| **Минтақаи кӯҳӣ** | | 119,24 | 95,4 | 11,92 | 128,79 | 116 | 11,92 |
| 7 | Балҷувон | 114,58 | 91,7 | 11,92 | 123,77 | 96,22 | 11,92 |
| 8 | Муъминобод | 121,38 | 97,06 | 12,16 | 131,04 | 101,96 | 12,16 |
| 9 | Норак | 136,17 | 108,86 | 11,45 | 147,02 | 114,36 | 11,45 |
| 10 | Шӯрообод | 109,1 | 87,28 | 12,22 | 117,8 | 91,58 | 12,29 |
| 11 | Ховалинг | 114,58 | 91,58 | 11,8 | 123,77 | 96,23 | 11,8 |
| **У.Вахш** | | 166,94 | 124 | 7,16 | 195,55 | 133,55 | 7,16 |
| 1 | А. Ҷомӣ | 160,03 | 118,88 | 4,89 | 187,45 | 127,95 | 4,89 |
| 2 | Бохтар | 168,49 | 125,2 | 5,01 | 197,34 | 134,75 | 5,01 |
| 3 | Вахш | 180,65 | 134,15 | 8,34 | 211,66 | 144,87 | 8,34 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Евон | 101,96 | 75,73 | 7,16 | 119,48 | 81,56 | 7,16 |
| 5 | Қубодиён | 174,1 | 129,26 | 6,91 | 203,91 | 139,27 | 6,91 |
| 6 | Қумсангир | 180,65 | 134,15 | 6,91 | 211,66 | 144,53 | 6,91 |
| 7 | Н. Хусрав | 161,69 | 120,08 | 6,91 | 189,35 | 129,26 | 6,91 |
| 8 | Панҷ | 187,21 | 139,03 | 7,04 | 219,29 | 149,76 | 7,04 |
| 9 | Сарбанд | 160,03 | 118,88 | 7,04 | 187,45 | 127,95 | 8,04 |
| 10 | Хуросон | 152,98 | 113,64 | 7,16 | 179,22 | 122,35 | 7,16 |
| 11 | Ҷ.Румӣ | 189,72 | 140,95 | 11,69 | 222,27 | 151,79 | 11,69 |
| 12 | Ҷиликул | 190,08 | 141,18 | 6,91 | 222,63 | 152,03 | 6,91 |
| 13 | Шаҳритус | 161,69 | 120,08 | 6,91 | 189 | 129,26 | 6,91 |
| **VI. ВМКБ** (Бе Мурғоб) | | 42,93 | 28,62 | 4,76 | 47,69 | 32,19 | 3,58 |
| 1 | Ванҷ | 57,35 | 38,17 | 0 | 63,67 | 42,93 | 0 |
| 2 | Дарвоз | 54,73 | 36,48 | 4,76 | 60,84 | 41,03 | 3,58 |
| 3 | Ишкошим | 33,74 | 22,54 | 0 | 37,45 | 25,29 | 0 |
| 4 | Роштқалъа | 35,77 | 23,85 | 0 | 39,7 | 26,83 | 0 |
| 5 | Рушон | 52,71 | 35,17 | 0 | 58,55 | 39,46 | 0 |
| 6 | Хоруғ | 42,93 | 28,62 | 0 | 47,62 | 32,19 | 0 |
| 7 | Шуғнон | 35,77 | 23,85 | 0 | 39,7 | 26,83 | 0 |

Тибқи Қонуни мазкур дар ҳолатҳои дар ҳудуди хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷуд будани заминҳо дар зери пиряхҳо, ярч, дарёҳо ва кулҳо ва инчунин заминҳои захираи озоди давлатӣ нисбати онҳо муқаррароти моддаи 271 Кодекси андоз татбиқ  карда шуда, аз пардохти андозаи ягона барои чунин заминҳо озод карда мешаванд:

1) Ҳудуди мамнунгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ мутобиқи номгӯи чунин ташкилотҳо ва ҳаҷми ҳудудҳои онҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасбиқ гардидааст.
2) Заминҳое, ки ташкилотҳои буҷавӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он барои татбиқи мақсад, вазифа ва амалҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии чунин ташкилоту муассисаҳо дарҷ шудаанд, истифода мебаранд.
3) Замини ташкилотҳое, ки дар онҳо биноҳои истифодабарандаи онҳо воқеъ гардида, аз ҷониби давлат ҳамчун ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣва меъморӣ ҳифз карда мешавад, тибқи номгуи ташкилотҳо ва ҳаҷми қитъаҳои замине, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.
4) Заминҳои барои истифода гирифташуда, ки мутобиқи хулосаи Кумитаи давлатии заминсозии  Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ, вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) эътироф шудаанд ва заминҳое, ки дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ мебошанд, дар соли барои истифода (азхудкунӣ) гирифташуда ва дар давоми 5 - соли минбаъда аз соли қабул намудани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;
5) Заминҳое, ки тахти хати мушоҳида дар тулии хади сарҳади давлатӣ қарор доранд;б) Заминҳои истифодаи умумии нуқтаҳои аҳолинишин ва

хоҷагиҳои комуналӣ, аз ҷумла қабристонҳо, ба истиснои чунин заминҳо, ки дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода мешавад.

6) Заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярч, дарёҳо ва кулҳо воқеъ мебошанд.
7) Заминҳои захираи озоди давлатӣ.
8) Заминҳои тахти роҳҳои автомобилӣ истифодаи умум ва роҳҳои оҳан, инчунин тахти объектҳои давлатии обтаъминкунӣ ва таҷҳизоти обӣ қарордошта.
9. Заминҳое, ки барои таъмини фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, инчунин барои таъмини мудофиа ва бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойгиркунӣ ва масоҳати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд:
10. Қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ҷудо гардидаанд;
11. Қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигие, ки ба шаҳрвандони аз дигар ноҳияҳои ҷумҳурии Тоҷикистон барои зисти муқимӣ ба ноҳияҳои муайянкардаи Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд (муҳоҷир), ҷудо карда мешаванд, дар соли ҷудо намудан ва ба муҳлати 3 соли тақвимие, ки баъди аз соли ҷудо намудани чунин заминҳо фаро мерасад:
12. Қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии деҳот коркунанда ҷудокардашуда, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо:
13. Заминҳое, ки мустақиман барои мақсадҳои илмӣ ва таълими, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ аз ҷониби ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои эксприменталӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал тибқи ҳаҷми замин ва мутобиқи номгуи истифодабарандагони замин, ки Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд истифода мегарданд:
14. Қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба маъюбони ҳамаи гуруҳҳо ҷудо карда шудаанд, дар ҳолати мавҷуд набудани аъзои оилаи қобили меҳнат:
15. Қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ, ки ба шахсони дар банди 14) моддаи 141 ҳамин Кодекс, аъзои оилаи онҳо, инчунин афсарон, прапорщикҳо, хизматчиёни ҳарбии зиёда аз муҳлат ва занони хизматчиёни ҳарбӣ, ки вобста ба саломатӣ ё дар натиҷаи ихтисори штат аз хизмат озод карда шуда, дорои собиқаи кории тақвимии 20 сола ва бештар аз он мебошанд, дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замини ҷумҳурии Тоҷикистон;

16. Заминҳое, ки барои корхонаю ташкилот ҷудо карда шудаанд, агар на камтар аз 50 фоизи кормандони онҳоро маъюбон ташкил диҳанд.

**МИСОЛИ 1:**

**Хоҷагии деҳқонии «Шаршара»- и н. Рӯдакӣ бояд аз 40 гектар замини дар ихтиёраш дошта, вобаста ба фаъолияти истеҳсолиаш ба миқдори зерин андози ягона супорад:**

**Аз 10 ГА замини обӣ:**

**8 ГА пахта * (139,63*8)/2= 558,52 сомонӣ;**

**2 ГА сабзавот * 139,63 сомон*2= 279,26 сомонӣ;**

**Аз 12 ГА замини лалмӣ:**

**8 ГА гандум * 9,42 сомон*8 = 75,36 сомонӣ;**

**4 ГА зағер * 9,42 сомон *4 = 37,68 сомонӣ;**

**Аз 17 ГА чарогоҳ * 5,36 сомон = 91,12 сомонӣ;**

**Аз 1 ГА замини ғайрикишоварзӣ * 1,2=1,2 сомонӣ;**

**Яъне, дар маҷмӯъ ба миқдори 952,02 сомонӣ андози ягона месупорад.**

**Андоз аз даромади шахсони воқеӣ**

Ҳисоб кардани андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар заминаи музди меҳнати ҳадди ақал ба иҷро расонида мешавад. Ҳадди ақалли андозбандишаванда бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Аз 1- уми сентябри соли 2008 ин нишондод, 35 сомониро ташкил мекунад.

Мувофиқи моддаи 140 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ чунин аст:

| № т/р | Миқдори даромади андозбандишаванда (ба ҳисоби миёна дар як моҳ) | Меъёр ва маблағи андоз |
|---|---|---|
| 1 | На зиёда аз музди меҳнати ҳадди ақали моҳона | Аз даромад андозбандӣ намешавад (меъёри сифрӣ) |
| 2 | Зиёда аз музди меҳнати ҳаддӣ ақали моҳона то 100 сомонӣ | 8 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона |

| | | |
|---|---|---|
| 3 | Зиёда аз 100 сомонӣ | Маблағи андози сатри 2 ҷамъ 13 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз 100 сомонӣ |

Баъзе шахсон ҳангоми супоридани андоз аз даромади шахсони воқеӣ имтиёз доранд (1);

**МИСОЛИ 2:**

**Дар хоҷагии деҳқонии «Шаршара» панҷ нафар кормандон ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд. Музди меҳнати моҳонаи кормандон ба тариқи зайл аст:**

**Раиси хоҷагӣ - 100 сомонӣ**

**Сармуҳосиб – 80 сомонӣ**

**Аъзоёни хоҷагӣ – 60 сомонӣ**

**Тартиби супоридани андоз аз даромади шахсони воқеӣ чунин аст: Аз музди меҳнати кормандон аввал 12 сомонигӣ тарҳ намуда, сонияи аз боқимондаи онҳо ба миқдори 8-фоизӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ҳисоб менамоем. Яъне**

**А) 100-35=65** $\cdot 8\%$ **:100=5,2 сомонӣ**

**Б) 80-35=45** $\cdot 8\%$ **:100=3,6 сомонӣ**

**В) 60-35=25** $\cdot 8\%$ **:100=2,0 сомонӣ**

**2,0*3=6,0 сомонӣ**

**3,80** $\cdot 3 = 8{,}40\textit{сомони}$

**Хулоса хоҷагии деҳқонии «Шаршара» - 14,8 сомонӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ месупорад;**

**Андоз аз фурӯш**

Супорандагони андоз аз фурӯш танҳо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки нахи пахта ва алюминийро чӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ берун аз он мефурӯшанд. Барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ин намуди андоз танҳо нисбати фурӯши нахи пахта амал мекунад.

Меъёрҳои андоз аз фурӯш барои ҳисобкунии маблағи андоз бо фоиз нисбати нархҳои биржавии дар рӯзи содир гаштани амалиёти андозбандишаванда дар ҳаҷми зерин муайян карда мешавад:

1) **барои нахи пахта – 10 фоиз;**
2) **барои алюминийи аввалия – 3 фоиз.**

Андоз аз фурӯш бояд дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯз пас аз воридшавии маблағ ба ҳисоби бонкии фурӯшанда ва ҳангоми ҳисобу китоб бо пули нақд на дертар аз 3 рӯз пас аз воридшавии маблағ ба хазинаи фурӯшанда пардохта шавад. Агар пахта берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта шавад, он гоҳ андоз аз фурӯш то аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадани мол бояд пардохта шавад.

**Андоз аз амволи ғайриманқул**

Объектҳои андозбандӣ мувофиқи моддаи 326 Кодекси андоз намудҳои зерини амвол эътироф карда мешаванд: хонаҳои истиқоматӣ, квартираҳо (ҳуҷраҳо), бустонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳо (минбаъд – «амволи ғайриманқул»). Манбаи андоз масоҳати ҳамаи ошёнаҳои амволи ғайриманқул мебошад.

Андози амволи ғайриманқул дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдори техникӣ ё дар асоси ченкунии мақомти андоз муайян карда мешавад.

Барои шахсони воқеӣ ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз майдони биноҳои ғайриманзилии алоҳида ҷойгиршуда (гаражҳо, саройҳо ва монанди инҳо) баробари 50-70 фоиз, майдони биноҳои нигоҳдории чорво – баробари 20-50 фоиз гирифта мешавад.

Меъёри андоз аз амволи ғайриманқул дар доираи ҳаҷми **аз 10 то 50 каратаи меъёри андози замин** муқаррар карда мешавад.

**Андоз аз фурӯши чакана**

Хоҷагии деҳқонӣ дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагиаш маҳсулоти кишоварзиро парвариш менамояд ва метавонад онро худаш бевосита фурӯшад. Агар хоҷагии деҳқонӣ маҳсулоти парваришкардаашро бевосита худаш ба тариқи чакана фурӯшад, пас вай бояд андоз аз фурӯши чаканаро пардохт намояд.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андоз аз фурӯши чакана то 3 % муқаррар шуданаш мумкин аст. Он аз нархи озод (бозори) – мол (маҳсулот) гирифта мешавад. Ба нархи озоди (бозории) мол (маҳсулот) андози арзиши иловашуда ва аксиз (агар моли зераксизи бошад) дохил карда мешавад.

Мисол: мол (маҳсулот) дар бозор ё мағозаи чаканафурӯшӣ бон архи 2 сомонӣ фурӯхта шудааст. Дар ин ҳолат андозсупоранда бояд 6 дирам андоз аз фурӯши чаканаро пардозад.

Давраи андоз семоҳаи тақвимӣ мебошад.

Маҷлиси маҳаллии депутатҳои халқи ноҳия (шаҳр) метавонад соҳибкорони алоҳида, корхонаҳои алоҳида ва моли (маҳсулоти) алоҳидаро аз пардохти ин намуди андоз озод намоянд.

Суғуртаи иҷтимоии давлатӣ бошад, ин системаи аз ҷониби давлат кафолатноки таъминоти шахсиятҳои суғурташуда аз ҳисоби ҳатмии андози

иҷтимоӣ барои шаҳрвандон мебошад. Аз ҳисоби воситаҳои Фонди ҳифзи иҷтимоӣ кафолати намудҳои зерини таъминоти иҷтимоӣ дода мешавад:

- таъминоти нафақавии шаҳрвандон;
- ҷуброни ҳолатҳои ғайри қобили меҳнати мувақатӣ;
- ҷубронпулиҳо барои модарони ҳомила ва таваллудкарда;
- ҷубронпулиҳо барои бекорӣ;
- ҷубронпулиҳои маросими мавт;

ва ғайраҳо.

## 6.2. Онҳо барои чӣ лозиманд?

Андози замин ва андози иҷтимоӣ ӯҳдадориҳои ҳатмиянд барои ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) новобаста аз натиҷаи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ. Онҳо ба гурӯҳи хароҷотҳои ғайримустақим шомил буда, аз он вобаста нестанд, ки дар қитъаи замин чӣ коррида мешавад. Ба фермер лозим аст, ки миқдори андози заминро донад, то ҷамъи фоида ва зарарро хисоб карда тавонад..

**Шакл ва мисол**

Ҷамъи умумии андози ягона, ки фермер бояд онро супорад, аз рӯи шакли зерин ҳисоб карда мешавад.

**Ҷадвали 17: Шакл барои ҳисоби андози замин**

| Намудҳои замин | Масоҳати замин (Га) | Меъёри андози ягона (сом./Га) | Ҷамъи андози замин (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Замини обӣ | | | |
| Замини лалмӣ | | | |
| Боғот | | | |
| Алафзор | | | |
| Чарогоҳ | | | |
| **Ҷамъи умумии андози замин:** | | | |

**МИСОЛИ 4:**

Шаҳрванд Бобо-Музаффар Сангинов дорои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) - и «Сояи чормағз» мебошад, ки дар ихтиёри ӯ – 3 Га замин, аз ҷумла, 1 Га замини обӣ, 0.5 Га – замини лалмӣ, 0.5 Га – боғот ва 1 Га алафзор аст. Чун номбурда дар деҳаи Мағмуруди ноҳияи Рӯдакӣ истиқомат мекунад, пас миқдори андози заминҳо чунин ҳисоб карда мешавад:

**Ҷадвали 18: Мисоли ҳисоби андози замин**

| **Намудҳои замин** | **Масоҳати замин (Га)** | **Меъёри андози ягона (сом./Га)** | **Ҷамъи андози ягона (сомонӣ)** |
|---|---|---|---|
| Замини обӣ | 1 | 139,63 | 139,63 |
| Замини лалмӣ | 0.5 | 9,42 | 4,71 |
| Боғот | 0.5 | 152,63 | 76,32 |
| Алафзор | 1 | 6,68 | 6,68 |
| Чарогоҳ | - | | |
| **Ҷамъи умумии андози замин:** | | | **223-52** |

Ҳамин тавр, миқдори умумии андози замин барои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) – и «Сояи чормағз» 227,34 сомониро ташкил мекунад;

# АДАБИЁТХОИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Бакаев А.С. Бухгалтерские термины и определения, М.: «Бухгалтерский учет», 2002г.

2. Шарипов А.Ф., Партоев Қ., Ҷалилов Х.М., Шарҳу эзоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», Душанбе – 2004 с, 32с.

3. Шарипов А.Ф., Ҷалилов Х.М., Хоҷагиҳои деҳқонӣ: омӯзиш, таҳлил ва хулосаҳо, Душанбе – 2—4с, 20 саҳ.

4. Шарипов А.Ф., Ҷалилов Х.М., Андоз ва муносибатҳои андозсупорӣ, Душанбе – 2005с, 28 саҳ.

5. Шарипов А.Ф., Ҷалилов Х.М., Тартиби супоридани андоз ва гирифтани кредит, Душанбе – 2005с, 20 саҳ.

6. Шарипов А.Ф., Ҷалилов Х.М., Давлатбеков М.М., Ҳуқуқ, ташкил ва идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар маҳал, Душанбе – 2005с, 16 саҳ.

7. Шарипов А.Ф., Ҷалилов Х.М., Дастури мухтасари фермер, Душанбе – 2006с, 26 саҳ.

8. Шарипов А.Ф., Раҳимов Ш.Т., Партоев Қ., Ҷалилов Х.М., Роҳнамои фермер, Душанбе – 2004с, 176 саҳ.